Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №104 (2931) | СЕШАНБЕ, 14 АВГУСТИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



## Қабули эътимоднома аз сафирони нав

**10 августи соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз сафирони нави давлатҳои Туркманистон, Япония, Фаронса, Руминия, Африқои Ҷанубӣ ва Ордени Мухтори Малта эътимоднома қабул намуд.**

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон пас аз қабули эътимоднома аз сафирони фавқулодда ва мухтори давлатҳои Туркманистон, Япония, Фаронса, Руминия, Африқои Ҷанубӣ ва Ордени Мухтори Малта ҳамаи онҳоро бо оғози иҷрои ин вазифаи муҳим дар Тоҷикистон табрик гуфта, изҳори боварӣ намуд, ки бо фаъолияти пурсамари дипломатиашон ба рушду таҳкими муносибатҳои воқеан дӯстона ва ҳамкории судманди гуногунҷанба мусоидат хоҳанд кард.

Эмомалӣ Раҳмон Туркманистонро аз ҷумлаи шарикони муҳими Тоҷикистон дар фазои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил номида, изҳори итминон намуд, ки муколамаи сиёсии доимии ду кишвар дар рафти сафари қарибулвуқӯи Президенти Тоҷикистон ба Ашқобод идомаи бофайз хоҳад ёфт.

Аз раванди густариши муносибатҳои Тоҷикистон бо Фаронса, Япония, Руминия ва Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ низ изҳори қаноатмандӣ карда шуд. Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон, аз ҷумла доир ба дастгириҳои пайвастаи Япония аз рушди босуботи иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон чунин гуфт: «Дар давоми бист соли истиқлолият мо дастгириву мусоидати беғаразонаи ҷомеа ва давлати Японияро пайваста эҳсос мекардем ва онро ҳамеша қадрдонӣ менамоем».

Барои рушди минбаъдаи муносибатҳои Тоҷикистону Африқои Ҷанубӣ, қабл аз ҳама, тавсеаи заминаи меъёрии ҳуқуқии он зарур шумурда шуд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба фаъолияти Ордени Мухтори Малта дар арсаи байналмилалӣ, ки дар пояи принсипҳои ғайрисиёсии гуманитарӣ ва бетарафӣ асос ёфтааст, баҳои баланд дода, ҳавасмандии Тоҷикистонро ба рушди ҳамкорӣ бо он таъкид дошт.

*www.prezident.tj*

## МАҶЛИСИ ҒАЙРИНАВБАТИИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН





**13 августи соли 2012 таҳти раёсати Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси ғайринавбатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар маҷлис масоили омодагӣ ба тирамоҳу зимистони солҳои 2012-2013 ва дигар масоили ҳалталаб баррасӣ шуд.

Доир ба мавзӯи асосии маҷлис ахбори Сарвазири кишвар Оқил Оқилов шунида шуд. Аз ҷумла зикр гардид, ки корҳо барои омода кардани шабакаҳои барқӣ, роҳҳои мошингард ва дигар иншооти зербиноӣ ба мавсими зимистон, фаровон захира кардани ангишт, гази моеъ, дигар анвои сӯзишворӣ ва маводи ғизоӣ, тибқи нақшаҳои тасдиқгардида, идома доранд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон таъкид дошт, ки тамоми неругоҳҳои барқи обӣ ва дигар иншооти таъмини барқу гармӣ, гази моеъ, ангишт ва шабакаҳои нақлиётӣ бояд ба тирамоҳу зимистон омодагии ҷиддӣ дошта бошанд. Дастур дода шуд, ки корҳои зарурӣ, аз ҷумла захира кардани маводи сӯхту озуқаворӣ барои муассисаҳои маорифу тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ зери назорати доимӣ қарор дошта бошанд.

Зимни баррасии ахбори муовини Сарвазири кишвар Муродалӣ Алимардон доир ба ҷамъоварии ҳосили зироатҳои кишоварзӣ ва боғу токзор супориш дода шуд, ки барои ҷамъоварии пурра ва беталафи ғалладонагиҳо, ҳосили меваю сабзавот, полезиҳо ва дигар зироатҳои кишоварзӣ, иҷрои пурраи нақшаи кишти такрорӣ дар заминҳои корами обӣ ва одат кунондани мардум ба фар-ҳанги волои заминдорӣ чораҳои муассир амалӣ карда шаванд.

*www.prezident.tj*

## ТАЪИНОТИ КАДРӢ ДАР МАҚОМОТИ СУДӢ

**13 августи соли 2012 ҳамчунин Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон 105 нафар кадрҳоро, ки ба вазифаҳои пурмасъулият дар мақомоти судии ҷумҳурӣ пешниҳод шудаанд, барои сӯҳбат ба ҳузур пазируфт.**

Дар оғози мулоқот Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъин ва озод намудани кадрҳои ин соҳа қироат карда шуд. Ҳамин тариқ, 42 нафар коромӯзони соҳа бори нахуст ба вазифаи судя таъин карда шуданд, ки 13 нафари онҳо занону духтарон мебошанд. Ҳамагӣ 24 нафар занону духтарон имрӯз ба вазифаҳои гуногун дар мақомоти судӣ таъин гардидаанд, ки нишона аз татбиқи босамари сиёсати баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа мебошад. 63 нафар кадрҳои роҳбарӣ ва судяҳои мақомоти вилоятӣ ва шаҳрию ноҳиявӣ, аз ҷумла раисони судҳои шаҳру ноҳияҳои Ванҷ, Мурғоб, Темурмалик, Носири Хусрав, Сарбанд, Қумсангир, Ваҳдат, Роғун, Файзобод, Нуробод, Тавилдара, Тоҷикобод, раиси Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва раиси Суди иқтисодии вилояти Хатлон иваз карда шуданд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон зимни сӯҳбат бо онҳо аз воқеаҳои нангини ба ҷинояту қонуншиканӣ даст задани худи кормандони суд ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ёдовар шуда, аҳли нишастро ба кори содиқонаю софдилона, риояи адолати судӣ ва сазовор будан ба боварию эътимоди роҳбарияти Давлату Ҳукумат ва мардуми кишвар ҳидоят намуд. Тавре таъкид гардид, «вазифа бо амру фармон дода мешавад, вале соҳиби обру ва ҳурмату эҳтиром шудан танҳо ба кирдору рафтор ва муносибату муошират худи соҳибмансаб вобаста аст».

Аҳли нишаст аз 100 фоиз зиёд карда шудани маоши кормандони мақомоти судӣ дар соли 2011, афзун гардидани воҳидҳои корӣ ва дигар дастгириҳои Роҳбари давлат аз ин соҳа ёдовар шуда, уҳдадор шуданд, ки барои сазовор будан ба мақоми судя ва дигар вазифаҳои ин соҳа пайваста ҷаҳду талош хоҳанд кард.

*www.prezident.tj*

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БА ИМЗО РАСИД

14 августи соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи моддаи 52 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон Фармон оид ба даъвати Иҷлосияи дуюми ғайринавбатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба имзо расонид, ки мувофиқи он иҷлосияи мазкур 5 сентябри соли 2012 дар шаҳри Душанбе баргузор мегардад.

Ба баррасии Иҷлосияи дуюми ғайринавбатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешниҳодоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъин намудани Раис ва муовини Раиси Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудаанд.

***Дар ин бора ба АМИТ «Ховар» аз Хадамоти матбуоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ доданд***

## БАРҚИЯИ ТАСАЛЛИЯТ

**13 августи соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Раиси Ҷумҳурии Исломии Эрон Маҳмуди Аҳмадинажод барқияи тасаллият ирсол намуд, ки дар он аз ҷумла омадааст:**

«Бо камоли андӯҳ ва даҳшат хабари заминларзаи фоҷеабори дар шимоли Эрони дӯст рухдодаро, ки мӯҷиби садҳо тан талафоти ҷонӣ ва ҳазорҳо захмӣ гаштааст, дарёфт намудам.

Ба намояндагӣ аз мардуми Тоҷикистон маротиби тасаллият ва ҳамдардии хешро барои қурбониёни ин ҳодиса иброз намуда, барои бозмондагон сабри ҷамил хоҳонам.

Парвардигор дар ин моҳи муборак гузаштагонро бо раҳмату мағфирати хеш фаро гирад ва наздикону азизони бозмондаро неруву тавон бибахшад.

Инно лиллоҳи ва инно илайҳи роҷиун.»

*www.prezident.tj*

## ҚАРОРИ

### РАИСИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи даъват кардани ҷаласаи ғайринавбатии Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум**

Мутобиқи банди 11 моддаи 42 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва зербанди «л)»

банди 42 Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад**:

Ҷаласаи ғайринавбатии Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум 17 августи соли 2012 соати $9^{00}$ даъват карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш. ЗУҲУРОВ**

**ш.Душанбе, 14 августи соли 2012 №3**

## Қозидавлат ҚОИМДОДОВ, Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Беларус

# САФОБАХШИ ДИЛҲОИ ҲАМДИГАР БОШЕМ



**Асолати касбӣ, амри виҷдон ва масъулияти шаҳрвандиам маро водор менамояд, ки дар мавриди ҳодисаҳои Хоруғ вокуниш намоям.**

Қабл аз ҳама ба аҳли оилаи фавтидагон ҳамдардӣ изҳор намуда, аз даргоҳи Худованд ба пайвандони қурбониён сабри ҷамил хоҳонам.

Сафорати Тоҷикистон дар Беларус шоҳиди он аст, ки тамоми шаҳрвандон, созмонҳо ва ширкатҳои тоҷикистонӣ дар ин кишвар аз рӯзи аввал чун ватанпарастони асил аз бозтоби ҳодисаҳои Хоруғ дар канор набуданд. Онҳо мавқеи Ҳукуматро ҷонибдорӣ карда, баҳри рафъи мушкилот андешаҳояшонро баён намуданд.

Аммо, алҳол ман на чун дипломат, балки ба ҳайси шаҳрванд, собиқ муовини Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, узви Ҳукумат ва шоҳиди талошҳои зиёди Президент баҳри оромӣ ва сулҳи Тоҷикистон, аз ҷумла Бадахшон, рушд ва ҷаҳиши иқтисодии Бадахшон, барномаи эъмори иқтисод, раҳоии ин минтақаи кӯҳсор аз бунбасти коммуникатсионӣ андешаҳои худро рӯйи коғаз меорам, зеро як омили ноoромӣ ин рашки сиёҳ, адовати душманони миллат нисбат ба ғамхориҳои Президент дар ҳаққи ин мардум ва ин сарзамин маҳсуб мешавад.

Дар мавриди маъракаи таблиғу тафсири ҳодисаҳои Хоруғ ҳаминро бояд махсус зикр кард, ки мутаассифона, иғроқ ва маълумоти тахминӣ ба авҷи аълои худ расид. Албатта, воҳима, ки доимо силоҳ ва фишанги асосии иғвогарон буд ва мемонад, дар ин ҷо ҳам фаровон истифода шуд. Саъдии бузург фармудааст:

***Миёни ду кас ҷанг чун оташ аст,***
***Суханчини бадбахт ҳезумкаш аст.***

Бадбахт ҳастанд, он зумра хабарчинҳо, ки бо далелҳои дурӯғ ба оташи даргириҳо ҳезум мепартоянд. Дар ҳар гузориши иғвогарона ба чашм мехӯрад, ки «артиш аз Бадахшон бароварда шавад!»

Дар замони Шӯравӣ мо шиор мебардоштем, ки «Артиши Амрико аз Ветнам баровада шавад». Ин мантиқ дошт, яъне артиши бегона ба хоки давлати мустақил даромадааст. Аммо артиши Тоҷикистон тибқи қонун ҳуқуқ ва салоҳияти ҳаракату мавзеъгирӣ дар тамоми нуқоти кишвари худро дорад, лекин дар кадом ҳолат ин артишро истифода мебарад - ин баҳси дигар аст. Дуввум, гурӯҳи тафтишотӣ ва ҷузъу томҳои зудамали ВКД ва КДАМ-ро артиш гуфтан иштибоҳ аст. Ин ҷузъу томҳо ба хотири халъи силоҳ ва боздошти ҷинояткорон сафарбар шудаанд.

Ҳанӯз зимистони соли 1993 Сарвари давлат пеш аз сафари нахустинам ба ВМКБ ба ҳайси муовини Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ман дастур доданд, ки набояд оташи даргириҳо дар Бадахшон забона занад. Вазъи он замон аз имрӯз даҳчанд вазнинтар буд. Тамоми қувваҳо ва душманони дохилию хориҷӣ Бадахшонро ҳамчун майдони ҷанги тӯлонӣ омода намуда буданд. Дар он шабу рӯз дар баробари идора кардани ҷумҳурӣ барои наҷоти Бадахшон ситоди алоҳидаи махсус созмон ёфт, ки шахсан Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон, муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадсаид Убайдуллоев, собиқ раиси ВМКБ шодравон Ғарибшо Шаҳбозов барои сар назадани даргириҳо дар Бадахшон ҷадал намуданд. Аммо имрӯз мо ошкоро иқрор мекунем, ки як қатор намояндагони Фронти халқӣ, сардорони гурӯҳҳои низомӣ куллан дар итоати Ҳукумат набуданд. Онҳо шабу рӯз боисрор талаб мекарданд, ки қувваҳо ба ВМКБ дароварда шаванд. Сарвари давлат бо қатъият гуфт, ки ба марзи Бадахшон бидуни корвони ёрии башардӯстона ман як мил силоҳро ҳам гузарондан намемонам.

Ман дар яке аз суханрониҳоям соли 1995 зикр кардам: «Мо фаъолон ваъда дода будем, ки Бадахшонро бе дахолати мақомоти қудратии ҷумҳурӣ тинҷ мекунем. Аҳду паймон кардему ин маконро минтақаи сулҳ эълон намудем. Акнун дақиқкорона андеша ронем, ҷангро то маркази вилоят кӣ овард? Мо худамон. Он яроқи оташфишоне, ки дар дасти фарзандонамон аст, он маҳсули «заҳмати» худи мост. Қолину палосҳои худро барои «ҳимоя»-и хеш барои хариди яроқ ройгон додем. Чаро имрӯз барои милитсия пул ҷамъ намекунем.» («Аз сӯзандагӣ ба созандагӣ», саҳ. 117.)

Ба ман 24 июл, пас аз ин ҳодисаҳо даҳҳо сиёсатмадорон ва кормандони ташкилотҳои мухталифи ИДМ муроҷиат намуда, дар мавриди вазъ суол мекарданд. Ман вазъро айнан бо чунин далелҳо ва оморҳо шарҳ додам.

Мутаассифона, ҳодисаҳои марбути авбоширо дар Хоруғ як қатор расонаҳои иғвогар аз камбизоатӣ ва шароити бади иҷтимоии мардуми вилоят медонанд. Ин ҷо ба чанд далелу омор муроҷиат мекунам.

Як марди солхӯрда барҳақ мегӯяд: «Ба ёд орем, ки эҳтиёҷмандон барои ба Бадахшон расидан ё дар муддати 10-15 рӯз барои савор шудан ба ҳавопаймо дар фурудгоҳи Душанбе мемонданд ё аз Душанбе ба Хуҷанд парида, аз он ҷо ба шаҳри Оши Қирғизистон мерафтанд ва аз Ош бо мошинҳои раҳгузар ба Помир меомаданд. Ростӣ, азоби алиме дошт, мардуми мо!

**(Идома дар саҳ. 2)**

**●Ба истиқболи Рӯзи Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон**

# ҲОИТ ГУЛИСТОН МЕШАВАД

***Аз эҳёи дигарбораи диёри номдору зебои Ҳоит ҳанӯз мӯҳлати зиёде сипарӣ нашудааст. Аксарияти сокинони ҷумҳурӣ огоҳӣ доранд, ки соли 1949 дар натиҷаи заминларзаи сахт ноҳияи номдори Ҳоит аз харитаи кишвар гум шуд. Маълумотҳои мавҷуда гувоҳӣ медиҳанд, ки беш аз 32 ҳазор нафар одамон ҳалок гардидаанд. Зиндамондаҳоро ба водии Вахш ва дигар гӯшаву канори мамлакат кӯчонданд. Ин маълумоти солҳоест, ки дар навоҳии дурдасти ҷумҳурии мо мардуми оддӣ барои ба тартиб даровардани ҳуҷҷатҳо оид ба тавлиди кӯдакон имкон надоштанду на ҳамаи кӯдакони ба дунёомадаро ба қайд мегирифтанд. Баъди заминларза ба ҷойи 58 деҳа ва шаҳраки зебои Ҳоит теппаҳои хок, кӯҳпораҳои нав пайдо шуданд.***

***Баъди як-ду соли фоҷиа чанд тан аз мардони ватандӯст ба дарди ҷудоӣ аз хокдони бобоӣ тоб наоварданд ва ба Ҳоит баргаштанд. Ибтидо дар як гӯшаи собиқ шаҳраки Ҳоит 4-5 кӯлбаи хурду назарногир бунёд шуд. Оҳиста-оҳиста бархе аз муҳоҷирон овозаи дубора обод гардидани Ҳоити овозадорро шуниданду ба хотири шод гардондани рӯҳи ниёгони хеш ба он ҷо баргаштанд.***

***Соли 1983 бо Указ Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон Ҷамоати деҳоти «Ҳоит» таъсис ёфт. Соли 1986 дар заминаи хоҷагии «Ҳоит» хоҷагии нави «Ясман» ба вуҷуд омад. Кони ангишти Назарайлоқ дар ҳамин давра ба истифода дода шуд. Айни ҳол дар ҳудуди собиқ ноҳияи Ҳоит 23 деҳа дубора эҳё гардида, дар онҳо беш аз 12 ҳазор аҳолӣ зиндагӣ доранд.***

***Соли 2003 Ҷамоати деҳоти «Ясман» арзи вуҷуд кард.***

***Бояд тазаккур дод, ки дар ҳудуди ҳар ду деҳот миқдори заминҳои обӣ хеле зиёд аст. Дар кӯҳҳои сарбафалаккашида аз ҷониби олимон чандин намуд канданиҳои фоиданок кашф карда шудааст. Кони ангишти Назарайлоқ, ки захираи он беш аз 372 миллион тоннаро ташкил медиҳад, шӯҳрати ҷаҳонӣ ёфт, арзиши беҳамто ва харидори зиёд дорад. Ба қавли мутахассисон аз ин кон истеҳсоли ангишти аълосифат, карбит, электрод ва чанди дигарро метавон коркард намуд. Дар ағбаи Турпии водии Ясман конҳои алюминий ва фарфор мавҷуд аст, ки олимон ҳанӯз солҳои барқарории давлати Шӯравӣ ба коркарди онҳо таваҷҷуҳ зоҳир намуда буданд. Ин маҳал дорои гиёҳҳои шифобахшу дигар обҳои маъданӣ мебошад. Бо коркарди сангҳои мармари сиёҳу сафеди Ҳоит метавон ба ҳусни биноҳои навсохту замонавӣ таровати тоза бахшид. Ба гуфти мутахассисон дар дараи Пиёзӣ намудҳои гуногуни канданиҳои фоиданок кашф шудааст.***

***Нақшаҳои зиёди созандагию бунёдкорӣ дар пеш аст. Рӯзноманигор Диловари МИРЗО бо раисони ҷамоатҳои деҳоти «Ҳоит»-у «Ясман» Аҳлиддин Иброҳимов ва Исмат Абдухалилов сӯҳбат дошт.***

**Аҳлиддин ИБРОҲИМОВ:** - Аз нақли пирони ин диёр маълум мешавад, ки тӯли ҳазорсолаи дуввуми мелодӣ Ҳоит чаҳор маротиба вайрон шудаасту фарзандони ғаюраш онро аз нав эҳё карданд. Бесабаб набуд, ки шоир Шариф Хӯҷадоди Кӯҳистонӣ ҳанӯз соли 1918 дар як дубайтиаш таъкид кардааст:

***Замоне Ҳоити ман шаҳр будӣ,***
***Зи одам пур ба сони баҳр будӣ.***
***Ба гуфти он муаррихони пешин,***
***Макони ҳокимони даҳр будӣ.***

Аз солҳои ҳаштодум сар карда, масъалаи ободонии қасабаи Ҳоит авҷ гирифт. Соли 1986 дар заминаи хоҷагии «Ҳоит» хоҷагии нави «Ясман» арзи вуҷуд намуд.

Сохтмони пули мошингарди Тоҷикобод-Сайрон, кушодани кони ангишти Назарайлоқ, беморхонаи минтақавӣ дорои панҷоҳ кат, ошхонаи Сари Пул, нуқтаи таъмири воситаҳои нақлиёт, мағозаи масолеҳи сохтмонӣ ва чанди дигар ба ҳамин давра рост омад. Даҳҳо оила ба ватани аҷдодӣ бозгаштанд.

Яке аз корҳои бузурге, ки дар ин давра амалӣ шуд, ин мавриди истифода қарор гирифтани кони ангишти Назарайлоқ буд. Аввалин коркард ва истихроҷи ин ангиштро яке аз мутахассисони варзида, ҷавонмарди асилу саховатпеша шодравон Қаноатшоҳ Иброҳимов ба роҳ монд.

То даврони истиқлолият шумораи оилаҳои мавзеи Ҳоит 800 ва аҳолии он 5000 нафарро ташкил медод.

Баъди ба даст овардани истиқлолияти комили давлатӣ низоъҳои дохилӣ ба рушди иқтисодиёти маҳал монеа эҷод карда бошанд ҳам, мардуми заҳматпешаи Ҳоит тавонист ба зудӣ онҳоро бартараф созад. Ин ба даврае рост меомад, ки раисии Ҷамоати деҳотро Зӯрибек Қурбонов ба уҳда дошт. Ба вазъияти сангини давр нигоҳ накарда, ин марди ватандӯст дар таъмини аҳолӣ бо маводи ғизоӣ, ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳои шахсии мардуми деҳот ва ба эътидол овардани вазъи сиёсии минтақа нақши бориз гузошт.

Сафари Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон (августи соли 2002) ба Ҳоит аз дилгармӣ ва маҳбубияти Роҳбари давлат ба ин мардум гувоҳӣ медод. Зимни ин сафар Сарвари давлат аз кони ангишти Назарайлоқ дидан кард. Таваҷҷуҳи роҳбарони вазорату идораҳои дахлдор ба истифодаи оқилонаи кони мазкур, ҳалли масъалаҳои беҳтар намудани вазъи роҳҳои мошингард, истифодаи технологияи навтарин ва сохтмони мактабу дигар иншооти муҳими рӯз ҷалб гардид.

Солҳои охир ба бунёдкорию созандагӣ дар Ҳоит қадамҳои устувор гузошта шуд. Дар ҳудуди деҳоти «Ҳоит» дар деҳаҳои Миртоб, Луғёзӣ, Ярхичи Қалъа, Беги сиёҳ, Ҳоити нав сохтмони мактабҳои нави таҳсилоти ибтидоӣ оғоз гардида, таъмири асосии бинои дуюми таълимии мактаби таҳсилоти миёнаи умумии № 22 ба иҷро расонида шуд. Таъмири беморхонаи минтақавӣ, сохтмони стансияи телевизионии «Мавҷи Сомон» дар деҳаи Ярхич, пайвастани стансияи пуриқтидори 100 кВт барои пахши барномаҳои телевизионӣ, шинондани стансияҳои хизмати алоқавии ВАВИЛОН, ИНДИГО, сохтмони маркази ҷавонон, сохтмони пулҳои байни деҳаҳои Ҳоит-Ҳисорак, Беги сиёҳ - Ярхичи Қалъа, таъмири пулҳои болои рӯдҳои Шавр ва Тутак, таъмири асосии каналҳои Намуна, Тутак ва канали деҳаи Ярхичи Қалъа, гузаронидани хати оби нӯшокӣ барои аҳолии деҳаҳои Ҳоит, Ҳоити нав ва Миртоб, таъмири роҳи мошингарди байни Ҳоит-Беги сиёҳ, таъмири роҳи мошингарди Ҳоит-Назарайлоқ, кушодани нуқтаи хизматрасонии интиқоли маблағ аз ҷумлаи корҳое мебошанд, ки дар як мӯҳлати кӯтоҳ амалан иҷро шуданд.

**(Идома дар саҳ. 2)**

# САФОБАХШИ ДИЛҲОИ ҲАМДИГАР БОШЕМ

(Идома аз саҳ. 1)

Ҳоло ба шарофати иқдоми ҷасуронаи Президенти кишвар мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳҳои мошингарди ҷониби Бадахшон ва аз Бадахшон ба давлатҳои ҳамсарҳад рӯз аз рӯз ободтар мегарданд».

Ман аз далели мӯътамад истифода мебарам. Ҳангоми сафари кории Президент ба шоҳроҳи сохташаванда дар мавзеи Девдара расман хабар доданд, ки аз ду тараф роҳ минакорӣ шудаст. Муҳофизон қатъиян муқобили ҳаракат буданд. Ҳамчунин имкони аз тарафи марз оташ кушодан мавҷуд буд. Президент каме хашмгинона гуфт:

- Бо мавҷудияти як-ду мина мо аз нияти ободкорӣ даст намекашем!

Ва худаш пешопеш ба роҳ даромад. Имрӯз ҳазорҳо нафар аз ин роҳ мегузаранд ва ба Сарвари давлат барои чунин ободкориҳояш ҳамду сано мегӯянд.

Соли 1992, ки Сарвари давлат дар мавриди ба эътидол даровардани вазъи Бадахшон муроҷиатнома қабул карда буд, аз рафти дастрасии мардуми Бадахшон ба ин ҳуҷҷат аз ман суол кард.

- Эмомалӣ Шарифович, дар Бадахшон телевизиони Тоҷикистон мавҷ надорад, - гуфтам ман.

Пас аз муддати на чандон тӯлонӣ Сарвари давлат моро дар маҷлис табрик кард, ки дар Бадахшон телевизиони ҷумҳурӣ ба кор даромад. Имрӯз 99 фоизи барномаҳои Шабакаи якуми телевизиони Тоҷикистон, 89 фоизи барномаҳои Муассисаи давлатии «Телевизиони Сафина» дар Бадахшон фаъол аст.

Тибқи иттилои расмӣ дар ду соли охир аз ҷониби Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 40 иншоот бо маблағи вазорату идораҳои ҷумҳуриявӣ, 34 иншоот бо ҷалби маблағгузории созмонҳои байналмилалӣ, 46 иншоот бо маблағи ширкатҳои хусусиву шахсони алоҳида дар ҳоли бунёдшавианд. Зимни сафар ба Бадахшон Президенти кишвар барои бунёди биноҳои хобгоҳи Донишгоҳи давлатии Хоруғ, таваллудхона ва қасри варзиш дар маркази вилоят хишти асос гузошта буд. Сохтмони онҳо низ шурӯъ гардид. Нақшаҳои генералии шаҳри Хоруғ, марказҳои ноҳияҳои Роштқалъа ва Шуғнон низ тасдиқ гашта, Ҳукумат ба татбиқи онҳо сар кард. Барои сохтани марказҳои замонавӣ банаворгирии маркази ноҳияи Рӯшон ва омодасозии нақшаи генералии маркази ноҳияи Ванҷ низ ба субут расид.

Дар давоми соли 2012 интиқоли маблағ аз хориҷи кишвар 44,5 млн. доллари ИМА-ро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2010-ум 33 фоиз зиёд аст. Дар иртибот ба ин, пасандози мардум низ дар бонкҳо якбора 60 фоиз афзуда, ба 62,1 млн. сомонӣ расидааст. Дар ин пасандозҳо саҳми фарзандони мо, ки берун аз Ватан кор мекунанд, низ ҳаст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки зиндагии аҳолии вилоят тадриҷан беҳтар гардидааст ва ин раванд дар ҳоли рушд аст.

Дар маҷмӯъ, тайи 42 сафари кории Президент ба Бадахшон (дар замони Шӯравӣ - аз соли 1959 то 1989 роҳбарони дараҷаи аввал ҳамагӣ се маротиба ба Бадахшон сафар карда буданд) 1276 иншооту муассиса ва ширкат ба истифода дода шуд.

Ман солҳои тӯлонӣ дар Ҳукумат танзимгар ва ҳамоҳангсози барномавии шабакаҳои Оғохони IV будам. Президент ба таҳким ва иҷрои лоиҳа таваҷҷуҳи хоса дошт ва тӯли ҳашт соли корӣ ягон маротиба барои баррасии он вақту имконро дареғ намедошт.

Воқеан, ҳоло ошкоро мегӯям, ки аз оғози давраи ҳамкориҳо бо ташкилотҳои Оғохон аз сабаби набудани маълумоти кофӣ мухолифини ин равобит кам набуданд. Ҳатто бисёр ҳамкорони мо ба ин равобит ҷомаи сиёҳи сиёсӣ пӯшонида, садди роҳи ҳамкорӣ мешуданд. Аммо Президент, баръакс, қатъиян хостгори равобити ҳамаҷониба бо ташкилотҳои Оғохон шуд.

Ман боз аз як баҳс дар ин мавзӯъ ёдовар мешавам. Ҳангоми баррасии сохтмони НБО-и «Помир-1» як гурӯҳ аъзои Ҳукумат муқобили сохтмон баромаданд. Онҳо даъво доштанд, ки мо иншооти стратегиро ба хориҷиён медиҳем. Президент ба онҳо савол дод:

- Пас аз бунёди неругоҳ Оғохон онро ба куҷо мебарад?

Ҳама хомӯш буданд….

Он вақт як қатор давлатҳои шарики стратегии мо ҳам ин ниятро ғаразнок маънидод карда буданд.

Ман бори аввал бо супориши Президент ба қароргоҳи Мавлоно Ҳозиримом Оғохони IV сафар намуда, масъалаи равобитро бо Аълоҳазрат баррасӣ намудам. Мардуми Бадахшон ва тамоми исмоилиёни ҷаҳон ҳусни нияти неки Президентро чун паёми ҳамраъйӣ қабул карданд. Орзу ва омоли мардум пас аз ҷудоии 150-сола амалӣ гардид ва он имрӯз ба таври назаррас беҳ мегардад. Аз ин ҳисоб ва аз ҳисоби қарздиҳии бонкӣ шумораи соҳибкорон низ ҳар сол бештар мешавад. Танҳо соли гузашта 1657 соҳибкори инфиродӣ бо патент ва 678 соҳибкор ба андозбандӣ ҷалб шудаанд, ки ин рақам нисбат ба соли муқоисавӣ 110 нафар зиёд аст. Яъне, вақте соҳибкорӣ пеш меравад, албатта, ҷойҳои нави корӣ таъсис меёбанд.

Агар ба рақамҳои қиёсӣ назар кунем, дар 20 соли охир ба вилоят он миқдор сармояе равон гардидааст, ки дар 50 соли қаблӣ ҳамин миқдор маблағгузорӣ шуда буд. Бо кӯшиши бевоситаи Президент бо сармояи хориҷӣ чор кӯпруки байнидавлатӣ мавриди истифода қарор гирифт, 20 ширкату созмони муштарак таъсис ёфт. Агар дар 70 соли Ҳокимияти Шӯравӣ 38 километр қубури об кашида шуда бошад, пас дар 20 соли охир ин рақам 400 километрро ташкил дод.

**Акнун омилҳои ин нооромиҳоро шарҳ медиҳам:**

**Якум,** Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ду марҳилаи бӯҳрони иқтисодӣ на танҳо бо зарари кам баромад, балки дар самтҳои асосии макроиқтисодӣ пеш ҳам рафт. Барномаҳои стратегии энергетикӣ, саноат ва рушди коммуникатсия суръати инкишофро суст накарданд. Сармоягузорӣ ба сохтмон дар якуним соли охир дар муқоиса бо ҷумҳуриҳои Қирғизистон, Молдова, Украина, Ӯзбекистон мутаносибан бештар гардид.

Дастовардҳои соҳаи кишоварзӣ низ дар сатҳи ИДМ назаррасанд. Ҳамаи ин далелҳо рақобатпазирии ҷумҳуриро дар бозори Осиё пурқувват намуд. Бо вуҷуди муҳосираҳои иртиботию минтақавӣ ва баланд бурдани тарофаҳои нақлиётии транзитӣ қобилияти содиротии Тоҷикистон афзоиш ёфт. Омор шаҳодат медиҳад, ки бо чунин суръат Тоҷикистон дар панҷ соли оянда дар содироти мева, об, алюминий бартарии комил ба даст меорад. Барои ноил шудан ба ин ҳад дар Тоҷикистон имконият мавҷуд аст. Аммо танҳо вазъи сиёсии ногувор метавонад садди роҳ гардад.

**Омили дуюм**, ин имиҷи сиёсӣ ва эътибори байналхалқии Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ аст. Аллакай Тоҷикистон дар ҳалли қазияи Афғонистон ва муаммоҳои сарбастаи муҳосираи Эрон мавқеи калидӣ дорад.

Абарқудратҳо эътидол ваояндаи рушди Афғонистонро бе Тоҷикистон тасаввур карда наметавонанд. Ғарб дар оромиву суботи Афғонистон Тоҷикистонро як омили муҳими кафолат медонад. Дипломатияи тоҷик дар ин самт комёбиҳои калон ба даст овард. Модели пешниҳодии Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон дар мавриди эҳё ва барқароркунии Афғонистон аз ҷониби давлатҳои узви Паймони Атлантикаи Шимолӣ (НАТО) мусбат арзёбӣ гардид.

Интиқоли неруҳо аз Афғонистон саҳмияи ҳамсояҳоро кам мекунад. Танҳо нооромиҳо дар марз метавонад Тоҷикистонро аз ширкати фаъолона боздорад. Аллакай дар як қатор расонаҳои ғарбӣ самти марзи Тоҷикистону Афғонистонро хатарнок тасвир мекунанд. Ин фарзияро олимону пажӯҳишгарони Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ тасдиқ карданд.

**Саввум**, қариб як сол боз дар атрофи барномаи энергетикии Тоҷикистон баҳсҳои шадид ва дар пайи он ҳамлаҳои ноҷавонмардона авҷ гирифтааст. Бояд гуфт, ки чунин ҳодисаҳои нанговари дар Хоруғ рухдода ба осиёби душманони берунии мо об мерезанд. Имрӯз танҳо даргириҳои дохилӣ метавонанд таваҷҷуҳро ба бунёди неругоҳҳои азим кам кунанд.

Ба **омили чорум** аллакай расонаҳои Ғарб ишора мекунанд. Тоҷикистон дар бозори энергетикии Осиё рақиби асосии Ӯзбекистон аст. Лоиҳаи CASA-1000 имконияти содиротии кишварро 40 фоиз баланд мебардорад. Вале сармоя аз нооромӣ сахт метарсад. Ҷанги сарди иттилоотии ҳафтаи охир ба муқобили Тоҷикистон метавонад садди роҳи сармоягузорӣ гардад.

**Панҷум**, набояд сарфи назар кард, ки иддае аз собиқ мухолифини бурунмарзӣ ва ҳизбҳои навтаъсис ҳодисаҳои Хоруғро моҳирона ба манфиати шахсӣ истифода мекунанд. Аксарияти ин нафарон солҳои тӯлонӣ аз ҳаёти сиёсӣ-иҷтимоии ВМКБ бехабаранд. Аммо аз дур барояшон таънаву маломат кардан хеле осон аст.

Мо бояд сабабҳои ҳодисаро низ фош бигӯем. Ман шоҳид будам, ки борҳо Сарвари давлат, созмондиҳандагони гурӯҳҳои яроқнок ва собиқ қумандонҳоро авф карда буд. Тибқи қарордод ва дастурҳо онҳо ба сохторҳои давлатӣ омезиш ёфтанд, вале, мутаассифона, баъзеи онҳо вазифаҳои хидматиро сӯистифода карданд. Аслан ҷинояти куштори як роҳбари идораи қудратӣ яку якбора сар назадааст. Дар як қатор расонаҳо зикр мешуд, ки сохторҳои амниятии Бадахшон дар мубориза бо маводи мухаддир ва қочоқи мол саҳлангорӣ мекунанд. Дар сатҳи миёнаи идораҳои қудратӣ ба вазъ рӯякӣ баҳо медоданд.

Бояд тазаккур дод, ки дар 15 соли сулҳи умум Бадахшон барои Президент дар мадди аввал меистод. Вале сохторҳои марбута, ташкилоту муассисаҳо, ҷомеаи шаҳрвандӣ на ҳамаи захираҳои сулҳи куллро истифода намуданд. Онҳо дар мубориза ва пешгирии қонуншиканиву ҷинояткориҳо бояд мунтазири амри боло нашуда, дар чаҳорчӯбаи ваколату салоҳияташон ҳамарӯза кор мебурданд.

Ман қатъиян муқобили дасисаҳои расонаҳо дар бораи «тозакунии этникӣ-мазҳабӣ» мебошам. Мусулмонони шиаи Тоҷикистон иршоду ҳидоятҳои Мавлоно Ҳозиримомро баҳри риояи сулҳ иҷро мекунанд. Набояд таърихи талхи ҳазорсолаи Бадахшонро фаромӯш кард, ки ҳокимону шоҳон, амирону хонҳо роҳи исмоилиёнро ба даргоҳи Имом мебастанд. Ҳукумати Тоҷикистон бо супориши бевоситаи Президент барои тамоми сохторҳои мазҳабии мусулмонони шиаи исмоилӣ роҳи васеъ кушод. Дар Душанбе калонтарин Маркази Исмоилия дар Осиё ба фаъолият шурӯъ намуд.

Ҳамзамон қобили ёдоварист, ки Мавлоно Шоҳкарим ал-Ҳусайнӣ ягона лидери мазҳабии дунё аст, ки дар ҳар дуо ва иршоди муборакашон аз сулҳ, ваҳдат ва ҳамраъйии тамоми дину оинҳои дунё фатво медиҳад. Дар муроҷиати навбатии худ ба Шӯрои миллии ҷамоати Тоҷикистон Аълоҳазрат муридонашро ба оромӣ даъват намуда, ҳалли қазияи Хоруғро салоҳияти сохторҳои давлатӣ донистааст.

Итминони комил дорам, ки Президенти кишвар ягон ҷинояткор ва қонуншиканро бе ҷазо намемонад, ба вазир ва генерал ё ягон шахси мансабдори қонуншикан имтиёз намедиҳад. Бо супориши Сарвари давлат идораҳои қудратӣ ба ҳодисаҳои Хоруғ дар доираи қонун баҳо хоҳанд дод.

Ҳамзамон ман ба гурӯҳи 20-нафараи Хоруғ, ки дар халъи силоҳ саҳм гузоштанд, арзи сипос менамоям. Ман чун фарзанди Бадахшон аз тамоми гурӯҳҳо ва силоҳбадастон илтиҷо мекунам, ки дар тафоҳум бо сохторҳои қудратӣ сулҳу оромиро дар Бадахшон таъмин намоянд.

Иттиҳоду ваҳдати мо аз ҳамдигарбахшист ва ҳамдигарфаҳмии мо давлату давлатдориро пойдор мегардонад.

Биёед, сафобахшу тасаллобахши дилҳои ҳамдигар бошем.

***АМИТ «Ховар»***

# ҲОИТ ГУЛИСТОН МЕШАВАД

(Идома аз саҳ. 1)

Айни ҳол Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳо дар Ҳоит мустақиман фаъолият дошта, курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзиши компютер, соҳибкорӣ, ҳисобчӣ ва кафшергар аз ҳисоби Маркази модулӣ ба роҳ монда шудаанд. Баҳри ривоҷи соҳаи боғдорӣ дар деҳоти «Ҳоит» 20 гектар боғҳои нав бунёд гардид.



Соли гузашта сокинони деҳоти Ҳоит барои сазовор пешвоз гирифтани ҷашни 20-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон фидокорона заҳмат кашида, натиҷаҳои дилхоҳ ба даст оварданд.

Имсол онҳо ният доранд, ки ҷашни бистумин солгарди баргузории Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо сари баланду тӯҳфаҳои арзанда пешвоз гиранд.

Солиёни зиёд буд, ки барои сохтани хонаҳои шахсӣ замин ҷудо карда намешуд. Дар як ҳавлӣ чор-панҷ нафар бо аҳли байташон зиндагӣ мекарданд. Хушбахтона, соли гузашта Президенти мамлакат барои ноҳияи Рашт 800 гектар замин ҷудо кард. То ин дам мо барои 120 оила қитъаи замин ҷудо намудем.

Нақшаи чорабиниҳои Ҷамоати деҳоти «Ҳоит» оид ба таъмири каналу ҷӯйборҳо, роҳу пулҳо, сохтмони фурӯшгоҳҳо дар маҷлиси умумии деҳаҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Мардум ташаббуси ободкорию созандагиро ҷонибдорӣ намуданд.

Баҳори имсол барои кишоварзон хеле мусоид омад. Дар майдони 313 гектар гандум, ҷав, сабзавот, лӯбиё ва дигар зироатҳои техникӣ кишт карданд. Картошкапарварони мо кишти картошкаро ба ҷойи 124 гектар ба 130 гектар расониданд. Имсол 16 гектар боғи нав бунёд гашт.

Умуман, гуфтан мумкин аст, ки дар якуним соли охир дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқи деҳоти «Ҳоит» пешравиҳо дида мешаванд.

Ба пешвози ҷашнҳои бузурги миллӣ корҳои созандагию бунёдкорӣ идома доранд. Сохтмони бинои маъмурии шӯъбаи корҳои дохилӣ дар маркази Ҳоит, бинои маъмурӣ барои Ҷамоати деҳот, сохтмони НОБ-и «Тӯтак», канали Дашти беоб аз ҷумлаи чунин иншооти ҳаётан муҳим мебошанд. Ба истифода додани канали Дашти беоб имконият медиҳад, ки беш аз 200 гектар замини тахту ҳамвор, ки солиёни зиёд бекор хобидаанд, ба истифода дода шавад.

**Исматулло АБДУХАЛИЛОВ:** - Имрӯз дар ихтиёри сокинони деҳоти «Ясман» беш аз 700 гектар замини обист. Деҳоти мазкур низ аз дастгириҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ ва ноҳия бенасиб намонд. Аз соли 2004 то имрӯз дар деҳаҳои Воринг, Шулдур, Сиполинг, Осиёбдара, Қаряшаҳр, Сафедоб ва Мусофирон мактабҳои нав сохта, ба истифода дода шуданд. Таъмир ва барқарорсозии мактаби таҳсилоти миёнаи умумии № 40 ба анҷом расид. Мактаби таҳсилоти умумии асосии №47-и деҳаи Сафедоб ба мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ табдил дода шуд, ки мушкилоти таҳсили хонандагонро дар зинаи сеюми мактаб осон намуд. Гап сари он меравад, ки хонандагон ба хотири идомаи таҳсил маҷбур буданд, масофаи 8-10 километрро пиёда тай намуда, ба деҳаи Ҳисорак биёянд. Хонандагони деҳаҳои болотар бошад, баъди хатми мактаби таҳсилоти умумии асосӣ аз ноилоҷӣ тарки таҳсил менамуданд.





Соли 2011 роҳбарияти шӯъбаи маорифи ноҳия бо дастгирии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия бо мақсади пурра ҳал намудани ин масъалаи барои таълиму тарбияи насли оянда муҳим дар деҳаи Осиёбдара ба бунёди мактаби нав шурӯъ намуд. Мо итминони комил дорем, ки агар дар деҳаи Осиёбдара мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ ташкил карда шавад, хонандагони чанд деҳаи дигар метавонанд соҳиби шаҳодатнома дар бораи таҳсилоти миёнаи умумӣ гарданд.

Баҳри ба эътидол овардани вазъи хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ дар деҳаи Воринг бинои маркази саломатӣ, дар деҳаҳои Ҳисорак ва Мазор бунгоҳи тиббӣ мавриди истифодаи умум қарор гирифт. Хатти тозаи оби нӯшокӣ ба деҳаҳои Ҳисорак, Воринг, Шулдур, Сиполинг, Қаряшаҳр, Сафедоб ва Мусофирон гузаронида шуд. Роҳи мошингарди байни деҳаҳои Воринг ва Шулдур пурра таъмир гардид. Корҳои барқароркунӣ дар канали Ҳазора ба сомон расиданд. Аз неругоҳҳои хурди барқи обие, ки аз 30 то 37 кВт/соат иқтидор доранд, мардуми деҳаҳои Воринг, Давриюн, Сафедоб ва Сиполинг самаранок истифода мебаранд.

Ҳаминро гуфтаниам, ки дар деҳоти «Ясман» қувваи корӣ намерасад. Дар ҳудуди деҳот 15 деҳа дубора эҳё шуд. Ҳанӯз шумораи деҳаҳои нообод дар ин водӣ зиёданд. Агар онҳоро аз нав обод кунем, бовар дорам, ки саҳми ясмандиҳо дар таъмини аҳолии ҷумҳурӣ бо картошкаи хушсифат хеле зиёд мешавад, зеро миқдори заминҳои обӣ дар ин мавзеъ ба 1000 гектар мерасад. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия зарурати масъаларо ба инобат гирифта, байни аҳолии деҳаҳои калони ноҳия, ки ҷойгиршавии аҳолӣ хеле зич аст, корҳои фаҳмондадиҳиро хуб ба роҳ мондааст. Натиҷаи ҳамин буд, ки беш аз 70 оила барои истиқомат дар водии Ясман бо ариза муроҷиат намудаанд. Мо итминони комил дорем, ки баъди ба он ҷо кӯчидани 70 оила соли дигар сафи хоҳишмандон афзун мегардад.

Имсол картошкапарварон дар майдони 290 гектар картошка кишт намудаанд, ки нисбат ба соли гузашта 40 гектар ва нисбати соли 2010-ум 100 гектар зиёд мебошад.

Дар кӯҳҳои водии Ясман канданиҳои фоиданок хеле зиёд аст. Агар кор дар як қисми ин конҳо оғоз гардад, бовар дорам, ки зиндагии мардум боз ҳам хубтар мешавад ва ба хазинаи давлат низ даромади хубе ворид мегардад.

## ●Нуқтаи назар

# ВАҲДАТ ВА СУЛҲУ ОРОМӢ-КАФОЛАТИ РУШДИ ҶОМЕА

Мусаллам аст, ки дар заминаи рушди бемайлони тамоми соҳаҳо, талаботи инсон низ тарзу усулҳои наву муосирро касб менамояд. Ҳамин омил боис шудааст, ки дар шароити кунунӣ технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ дар раванди зиндагии шаҳрвандон ҷойгоҳи хосаро касб намудаанд. Алоқаи мобилӣ ва Интернет аз ҷумлаи ихтироъоти нави инсоният маҳсуб ёфта, бо рӯйи кор омаданаш дар самти муоширати инсонҳо таҳаввулоти ҷиддӣ ба миён омад. Зеро тавассути технологияҳои зикршуда муносибати шаҳрвандон бо якдигар тавсеа ёфта, дар ин замина пешрафти бахшҳои гуногун таъмин гаштаанд. Шояд саволе пайдо шавад, ки чӣ гуна алоқаи мобилӣ ва Интернет метавонанд дар пешрафти соҳаҳои гуногун саҳмгузор бошанд?

Посухи ин суол хеле оддист- сарфаи вақт ва огоҳӣ аз набзи ҷомеа. Табиист, ки истифодаи алоқаи мобилӣ ва баҳравар гаштан аз сомонаҳои шабакаи умумиҷаҳонии интернет низ фарҳанги худро дорад. Мутаассифона, аз шиносойӣ бо мазмуну моҳияти маводи баъзе сомонаҳои интернетӣ маълум мегардад, ки аксари онҳо аз воқеият фарсаххо дур буда, ҳадафашон гумроҳ намудани шаҳрвандон аст. Тааҷҷубовар аст, ки дар чунин матолиб дастовардҳое, ки давоми 20 соли соҳибистиқлолии кишварамон, ки таҳти роҳбарии фарзанди фарзонаи миллати тоҷик Эмомалӣ Раҳмон ба даст омадаанд, сарфи назар гашта, муаллифони «гумном» камбудиҳои ҷузъиро ба сифати мушкилоти глобалӣ арзёбӣ намуда, ба ибораи халқӣ «аз таги нохун чирк мекобанд». Вале, чунин муносибати муғризона ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонад дастоварду пешравиҳои давлати моро зери суол гузорад, зеро «чизе, ки аён аст, ҳоҷат ба баён нест». Барои он ки суханонам асоси воқеӣ дошта бошанд, лозим медонам чанд далел орам.

Ҳамватанони азиз бояд дарк намоянд, ки солҳои 1992-1995 буҷети давлатӣ қариб қурбе надошт, сатҳи таваррум зиёда аз чор рақамро ташкил медод. Дар ин давра музди меҳнати муаллимон ва духтурон, агар ба ҳисоби сомонӣ гирем, ба 3-5 сомонӣ ва хизматчиёни давлатӣ ба 15-17 сомонӣ баробар буд, ки он ҳам сари вақт пардохт намегардид. Аз соли 1995 сарк карда, нисбатан ба танзим даровардани буҷет оғоз гардида, ҳаҷми даромади он соли 1997-ум 110 миллион, соли 2000 ба 250 миллион сомонӣ расонида шуд.

Соли гузашта ҳаҷми даромади буҷети давлатӣ 8,3 миллиард сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 1997-ум 75 баробар зиёд аст.

Муҳимтар аз ҳама он аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият ислоҳоти ҷиддии сохториро дар самтҳо ва соҳаҳои ҳаётан муҳими давлат, ба монанди идоракунӣ, молия, бонкдорӣ, бахшҳои воқеии иқтисодиёт, инчунин маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ оғоз намуда, бо қабул ва татбиқи як силсила барномаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ва андешидани тадбирҳои судманд ба татбиқи нақшаҳои азими рушд заминаи мустаҳкам гузошт.

Далелҳои овардашуда «қатрае аз баҳр»-ро шабеҳ аст, зеро пешравӣ ва дастовардҳо хеле зиёданд, ки нодида гирифтани онҳо беинсофист. Аз ин нуқтаи назар ҳамватанони моро мебояд ба сафсатаҳои баъзе сомонаҳои интернетӣ фирефта нашаванд, зеро чунин тарзи муносибати дастандаркорони ин гуна сомонаҳо «хам-хам рафтани сайёдро баҳри сайд» ба хотир меорад.

***Ризоллидин ОХОНОВ, сокини шаҳри Душанбе***

# УМЕДИ МОДАР

Аё писари азизу ягонаам! Ту нури дида, қуввату дармон ва орзуву умеди модарӣ!

Меболам, ки ту дар хизматӣ, фарзанди вафодору содиқи давлату миллатӣ. Ошёнат дар хоки Ватан, дар қуллаҳои кӯҳи боми баланди Помир аст. Оё ин қисмат аст, ки моро дур андохта аз ҳам? Аммо ба дилу дидаам наздикӣ, писараки роҳдурам. Туро сахт пазмон шудаам, аз канорам дурӣ, бенасиб аз дидорат мондаву туро ба ёд меорам,чӣ ҳол дорӣ, намедонам.

Аз нооромиҳое, ки дар Хоруғ сар зад, хеле дилтангу беқарорам. Ҳушу гӯшам ба ахбор ва занги телефон. То даме ки нашнавам садоятро, садое, ки ҳар субҳу шом пурсон шуда, маро рӯҳбаланду осуда месохт, лаҳзае қалбам ором намегирад.

Чанд рӯзе буд, ки хомӯш гашта гӯшаки телефон, намешунидам овозатро. Чун моҳии беоб дар печутоб будам, умедвору интизори садои дилнишинат, ки бароям мисли обу ҳаво таскину дармонбахш аст он.

Ҳамаи модарони сарбозон дар ин ҳоланд, собиру шокир ва бо умеди хабари хушу осудагии амнияти фарзандону кишвари хеш.

Эй ҷони модар, дилогоҳу меҳрубонам! То ҳастам, ҳаргиз набинам дардатро. Шабу рӯз гар ту дар хизматӣ, аммо ман ҳам ду даст ба дуоям:

Парвардигоро, дуо мекунем, ки дар ин моҳи шарифи Рамазон оқибати кор ба хубӣ анҷомад, оромиву осудагиро дар хоки мо поянда гардонад, фарзандонро аз шарри душманону нохалафон эмину саломат ба дидори модарон расонад, ба бандаҳояш имону инсофу тавфиқ диҳад, омин.

***Махфират ИГАМОВА, омӯзгор***

# ГАРАВГОНГИРӢ БО ТАЛАБИ МАБЛАҒИ КАЛОН

**Душанбе, 9 август (АМИТ «Ховар»).**-Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ медиҳад, ки Мамадасламов Ёдгор дар давоми солҳои 2002-2012 аз ҳисоби ҷавонон ва сокинони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, алалхусус деҳаи Поршневи ноҳияи Шуғнон гурӯҳи (дастаи) мусаллаҳи устувор созмон дода, онҳоро бо яроқу лавозимоти ҷангӣ мусаллаҳ намудааст, ки тайи даҳ соли охир аъзои он гурӯҳ ба содир намудани ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин даст задаанд.

Чунончӣ, 9 ноябри соли 2011 аъзоёни гурӯҳи (дастаи) мусаллаҳи Мамадасламов Ё. бо номҳои «Карим», «Парвиз», «Хушдил» ва дигарон, ҷамъ 10-15 нафар, шаҳрванд М.Ҷ.-ро, ки барои ҳалли корҳои тиҷоратии худ дар шаҳри Хоруғ қарор дошт, аз меҳмонхона гирифта, ба деҳаи Поршневи ноҳияи Шуғнон бурдаанд.

Дар ин ҷо ин гурӯҳи мусаллаҳ М.Ҷ.-ро гаравгон гирифта, дар дохили як хона маҷбуран нигоҳ дошта, бо таҳдиди куштан аз наздикони ӯ ҳамчун шарти озод намуданаш 35000 доллари ИМА талаб намудаанд. Вале 30 ноябри соли 2011 бо дахолати Раёсати КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ӯ озод карда шудааст.

Бинобар ин, аз тарафи гурӯҳи фаврию тафтишотии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзи 7 августи соли 2012 нисбати Мамадасламов Ёдгор ва дигарон бо моддаи 181 қисми 3 банди «а» Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (барои ғасби гаравгон) парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шудааст, ки айни ҳол тафтишоти он идома дорад.

***Маркази ахбори Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

## РАИСИ ВИЛОЯТ ШАҲРВАНДОНРО БА ҲУЗУР ПАЗИРУФТ

Дар толори Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Мӯъминобод қабули шаҳрвандон аз ҷониби раиси вилояти Хатлон Ғайбулло Авзал баргузор гардид. Шаҳрвандон Товусбӣ Собирова, Саъдулло Одинаев, Қурбонбӣ Мирзоева, Соҷидамоҳ Асоева, Ҷамолбӣ Ҳусейнова, Давлат Муродов, Ҳамида Бозорова, Оламбӣ Абдуллоева ва дигарон ба раиси вилоят оид ба масъалаҳои гуногун, аз ҷумла гирифтани саҳмияи замин, эҳтиёҷ ба қитъаи наздиҳавлигӣ арзи матлаб намуда, хостори кӯмаку дастгирӣ шуданд.

Дар ҷараёни қабул роҳбарони ташкилоту муассисаҳои вилоятиву минтақавӣ иштирок карда, барои ҳалли арзу дархости мардум вазифадор гардиданд.

******

## ҚАРЗИ ИСТИФОДАБАРАНДАГОНИ ОБ МЕАФЗОЯД

Муовини раиси Иттиҳодияи истеҳсолию таъмирии истифодабарии мелиоративии минтақаи Кӯлоб Холаҳмад Алиаҳмадов зимни сӯҳбат ботаассуф арз намуд, ки қарзи истифодабарандагони об ҳоло ҳам рӯ ба афзоиш аст. Акнун андозаи ин қарз 20 миллиону 766 ҳазор сомониро ташкил менамояд, ки 11 миллиону 190 ҳазори он қарзи истифодабарандагони оби ноҳияи Фархор мебошад. Ноҳияҳои Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва Восеъ низ ба ҷумлаи қарздорҳои калон мансубанд. Ҳаҷми қарзҳои ҳар кадоме аз онҳо мутаносибан беш аз 3 миллион сомониро ташкил менамояд.

***Темуршоҳи ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»***

Дар ноҳияи Файзобод баробари вусъати корҳои тобистона, яъне сариштаи ҳосили боғоту киштзор ва ҷамъоварии меваю сабзавот, ба зимистон омодагии ҷиддӣ мебинанд.

## ДАР ГАРМО БА САРМО ОМОДАГӢ МЕГИРЕМ

-Мо тамоми чораҳоро андешида истодаем, ки дар фасли зимистон хонаҳои мардум гарму мушкилоташон кам бошад. Сардиҳои порсола, зимистони тӯлонӣ, барфу борони зиёд моро ҳушдор дод, ки ба масъалаи омодагӣ ба фасли сармо тайёрии хубтар бубинем. Бинобар ин, тибқи нақша - чорабиниҳо дар тамоми идораю муассисаҳо, хоҷагиҳои деҳқонӣ, ҷамоатҳои шаҳраку деҳот омодагӣ бо суръат ҷараён дорад. Барои таъмини, пеш аз ҳама, муассисаҳои тандурустӣ, маориф ва фарҳанг бо сӯзишворӣ, бо конҳои ангишт шартномаҳо ба имзо расонида, аз буҷети маҳаллӣ маблағи зарурӣ ҷудо карда шуд. Соли гузашта дар ноҳия ду нуқтаи фурӯши гази моеъ буд. Имсол теъдоди онро ба панҷ адад расонидем. То охири сол боз як нуқтаи дигари фурӯши гази моеъ ба фаъолият шурӯъ мекунад. Барои аҳолӣ 13 нуқтаи фурӯши ангиштсанг ташкил шудааст. Илова бар ин, шахсони инфиродӣ бо нақлиёти худ ба деҳоти ноҳия ангишт мекашонанд. Имсол дар хоҷагиҳои фермерӣ ва инфиродӣ хӯроки фаровони чорво захира шуд. Боварӣ ҳаст, ки дар мавсими тирамоҳу зимистони дар пеш истода ягон мушкилоти ҷиддӣ намешавад,- гуфт ба хабарнигорамон раиси ноҳия Абдулло Ҳакимов.

***Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум»***

# ДУХТАРДУЗДИИ ГУРӮҲҲОИ ҶИНОЯТПЕША ДАР ВМКБ

**Душанбе, 9 август (АМИТ «Ховар»).**-Безарар нагардонидани гурӯҳҳои ҷинояткор сабаби аз ҷониби онҳо содир гардидани ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин мегардад.

Дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои атрофи он як гурӯҳ шахсони ҷиноятпеша, аз ҷумла Маҳмадбоқиров Маҳмадбоқир, Имомназаров Имомназар, Аёмбеков Толиббек, Мамадасламов Ёдгор бо балегӯёну ҳамфикрони худ тӯли якчанд соли охир даст ба содир намудани як қатор ҷиноятҳо, аз қабили одамкушӣ, муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, қочоқ ва хариду фурӯши одамон зада, бо ноором сохтани вазъият фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқро халалдор месохтанд.

Барои дар фазои ором нигоҳ доштани вазъи сиёсию иҷтимоӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз истифодаи қувва худдорӣ намуда, ба шахсони номбурда чандин маротиба маслиҳат доданд, ки худ ва аъзоёни дастаҳояшон аз амалҳои ғайриқонунӣ даст кашида, зиндагии осударо пеш гиранд. Аммо онҳо ба кирдорҳои ғайриқонунии худ идома дода, аъзоёни гурӯҳҳои ҷиноятпешаи худро бо ҳама гуна роҳу восита ҳимоя намуда, амалҳои нопоки онҳоро рӯпӯш мекарданд.

Тибқи маълумоти расмии омории ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон тайи ду соли охир дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои атрофи он чор ҳодисаи бедарак ғайб задани духтарони ҷавон ва ноболиғ ба қайд гирифта шудааст. Аз ин ҳодисаҳо то ба имрӯз ягонтоаш ошкор ва ҷойи будубоши се нафари онҳо бошад, умуман муайян карда нашудааст.

Аз маводи санҷишӣ ва парвандаи кофтуковӣ бармеояд, ки шаби 26 январи соли 2011 ноболиғ, хонандаи мактаби миёна Ҳушангова Нигора Рахшандаевна аз манзили истиқоматиаш, воқеъ дар яке аз кӯчаҳои шаҳри Хоруғ, бедарак ғайб задааст.

Дар асоси аризаи модари ноболиғ Н.Р. Ҳушангова дар ШКД-и шаҳри Хоруғ оид ба ҳолати бедарак ғайб задани номбурда парвандаи ҷустуҷӯйӣ оғоз гардида бошад ҳам, вале кофтуков ягон натиҷа надодааст ва гумон меравад, ки Нигораи ноболиғ дучори амалҳои ҷинояткоронаи яке аз гурӯҳҳои дар боло зикргардида гаштааст.

Далели ин гуфтаҳоро ҳодисаи рабудани сокини дигари шаҳри Хоруғ, хонандаи мактаби миёна, ноболиғ Моҳирова Алфия Сотировна низ собит месозад. Номбурда рӯзи 28 январи соли 2011 аз хонаи модаркалонаш, ки дар яке аз деҳаҳои ноҳияи Шуғнон воқеъ аст, ба хонаашон баргашта истода, дар роҳ ба автомашинаи тамғаи «АУДИ» дучор мешавад. Ду ҷавони савори ин автомашина ӯро бо истифодаи зӯрӣ ба автомашина шинонда, ба маҳаллаи УПД-и шаҳри Хоруғ, ба яке аз манзилҳои истиқоматӣ бурда, ӯро ба чархи автомашина баста, баъдан ба истеъмоли маводи нашъадор маҷбур кардаанд.

Сипас, дар назди А. Моҳирова онҳо маводи сахттаъсири героинро истеъмол намуда, афту андоми Алфияи ноболиғро ба тартиб даровpapда, якчанд маротиба ба воситаи телефони мобилӣ ӯро расм гирифтаанд.

Вақте ки Алфияи ноболиғ аз онҳо сабаби расм гирифтанашонро пурсон шудааст, онҳо ҷавоб додаанд, ки духтарони зеборо расм мегиранд ва ҳамзамон расмҳои дар телефонбударо ба Алфияи ноболиғ нишон додаанд, ки ӯ дар байни онҳо расми ноболиғ Ҳушангова Нигорараро дида шинохта, дар куҷо будани вайро пурсидааст. Онҳо ҷавоб додаанд, ки духтарони расмҳояшон дар телефонбударо ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистон гузаронидаанд.

Рӯзи дигар, 29 январи соли 2011 тахминан соати $14^{00}$, онҳо Алфияи ноболиғро ба автомашина савор карда, бо мақсади интиқол додан ба Ҷумҳурии Исломиии Афғонистон раҳсипор шудаанд, ки дар роҳ автомошина ба садама дучор гардида, нуқсони техникӣ гирифтааст.

Дар ин ҳолат Алфия аз фурсати муносиб истифода бурда, дар паси харсангҳо пинҳон шуда, аз дасти онҳо мегурезад ва дар хонаи Меҳринисо ном зан, ки худаш танҳо истиқомат мекардааст, паноҳ мебарад. Рӯзи дигар ба деҳаи Барчидаи ноҳияи Шуғнон ва баъдан ба шаҳри Хоруғ омада, бо ҳамроҳии модараш оид ба ҳодисаи бавуқӯъомада ба ШКД-и шаҳри Хоруғ муроҷиат кардааст. Баъдан оид ба нафарони ӯро рабуда низ маълумот додааст.

Дар робита ба ҳодисаи мазкур, яъне рабудани ноболиғ А. Моҳирова ва сӯиқасди ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистон бурда фурӯхтани ӯ, бинобар таъсири гурӯҳҳои ҷинояткори дар шаҳри Хоруғ амалкунанда, қарори қонунӣ қабул нагардида, ин ҷиноятҳои бақайдгирифта ошкор нашудаанд.

Ба ҳамин монанд, Шоинова Шоҳида Фотеҳовна, соли таваллудаш 1982, сокини ноҳияи Дарвоз ва Носирова Аҳдия Ҳомидовна, соли таваллудаш 1985, сокини ноҳияи Шуғнон, моҳи августи соли 2011 бедарак ғайб задаанд, ки то ҳол ҷойи будубоши онҳо маълум нест. Оиди бедарак ғайб задани фарзандонашон падару модари онҳо ва дигар хешовандони наздикашон ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муроҷиат накардаанд.

Аз эҳтимол дур нест, ки дар шаҳри Хоруғ ва дигар ноҳияҳои ВМКБ чунин ҳолатҳо зиёд бошанд, аммо бинобар таъсири гурӯҳҳои ҷинояткори дар ин манотиқ амалкунанда, онҳо низ ба қайд гирифта нашуда, ошкор нагардидаанд.

Дар хабарномаи мазкур ному насаби ҷабрдидаҳо ва суроғаҳо ба хотири амнияти онҳо махсус тағйир дода шудааст.

***Маркази ахбори Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

● Шарҳи номаҳо

# Чаро мардум арзу шикоят мекунанд?

Ба идораи рӯзномаи «Садои мардум» одамони гуногунсолу гуногункасб аз шаҳру ноҳияҳои кишвар бо арзу дархост муроҷиат мекунанд. Вақте шикоятнома ва ё арзи онҳоро таҳлилу баррасӣ мекунед, мебинед, ки яке аз сабабҳои муроҷиати онҳо беэътибории масъулони мақомоти маҳаллӣ, идораву ташкилотҳо мебошад, ки масъалаҳои мавҷударо дар ҷояш ҳал намекунанд. Нафари муроҷиаткунанда вақте мебинад, ки дар идораи поёнӣ ба арзи ӯ гӯш намекунанд, болотар меравад. Баъзан мешавад, ки корафтодагон барои ҳалли масъалаи на он қадар муҳими оилавӣ моҳҳо ва солҳо аз як идора ба идораи дигар давутоз мекунанд ва ниҳоят дилхунук шуда, охирин умедашонро ба рӯзнома мебанданд ва як ҷузвдон коғази арзу шикоят, ҷавобу хулосаҳоро оварда, хоҳиш менамоянд, ки матлаби ӯро дар рӯзнома дарҷ кунем. Табиист, ки на ҳама мактубҳои шикоятиро мо метавонем чоп кунем, зеро қисме аз навиштаҳо таҳлилу таҳқиқро талаб мекунанд. Баъзе номаҳо чоп ва нусхаи онҳо ба идораҳои дахлдор ирсол мегарданд ва ҷавоб ҳам мерасад, ки на ҳама вақт ба манфиати онҳост.

Президенти мамлакат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша зимни таъини роҳбарону масъулон аз онҳо талаб менамояд, ки бо дасту дилу нияти пок кор кунанд. Аммо аз шикоятномаҳои мардум аён мегардад, ки на ҳама чунин рафтор мекунанд. Албатта, санҷишу тафтиши фаъолияти онҳо салоҳияти мо нест. Бо ин гуфтанӣ нестем, ки ҳама масъулон нисбати мушкилоти мардум бетафовутанд. Хеле зиёданд роҳбарону масъулон дар вазорату идораҳо ва ташкилоту мақомоти маҳаллӣ, ки бо мардум қаринанд, арзи онҳоро мешунаванд ва ба қадри имкон ёрӣ мерасонанд. Дар ин бора низ дар саҳифаҳои рӯзномаи мо матолиби зиёде ба табъ расидааст.

Давоми шаш моҳи аввали соли ҷорӣ ба идораи рӯзнома 98 нома расид, ки дар онҳо сухан аз тақсими ноодилонаи қитъаҳои замин, ҷанҷолҳои оилавӣ ва ҳамсоядорӣ, муомилаву муносибати дурушти байниҳамдигарии одамон, косташавии ахлоқ, сатҳи хизматрасонии соҳаҳои алоқа, нақлиёт, хизмати маишӣ, қиматии нархи молу озуқа ва монанди инҳо меравад.

Баъзе муаллифони арҷманд оид ба як масъала, ки мо онро инъикос кардем ва ҷавобҳои расмӣ низ нисбати он мавод интишор мешаванд, боз такроран нома навишта, дархости чопи онро мекунанд. Чунончӣ, нафақахӯр аз шаҳри Норак Ш.Усмонов роҷеъ ба мушкилоти оилавиаш ва бетафовутии масъулон нисбати ӯ номае ирсол кардааст. Рӯзнома арзи ӯро дар шумораи 18 июли соли 2011 №91 таҳти унвони «Акнун умедам ба рӯзнома» чоп кард ва ҳамзамон унвонии Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Норак мактуб фиристода, баррасии ин масъаларо дархост кард. Мактуби ҷавобии аз номи раиси шаҳри Норак Х.Сафаров омадаро дар шумораи 21 октябри соли 2011 №128 чоп кардем. Инак, таърихи 7 майи соли ҷорӣ боз аз номи мӯҳтарам Шамс Усмонов нома расид. Муаллиф баъзе далелҳои дар ҷавобнома омадаро тасдиқ, баъзе далелҳоро рад кардааст. Ба кӣ бовар кунем? Ба ростӣ баъзан намедонед, ки кӣ ҳақ мегӯяд, шаҳрванде, ки арз мекунад ва ё мақомоте, ки ин шикоятро рад менамояд. Ба ҳамин мазмун сокини ноҳияи Ванҷ Хуршед Лаблабунов ба идораи рӯзнома шикоят пеш овард. Мо зери унвони «Арзи маро гӯш намекунанд» (13 апрели соли 2012 таҳти №43) арзномаи ӯро чоп ва ба Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ванҷ номае ирсол кардем. Аз номи раиси ноҳия Ванҷ Амрихудои Дамдор ҷавобе расид, ки дар он баъзе даъвоҳои Х.Лаблабунов беасос шуморида шудааст. Ин ҷавобнома таҳти унвони «Лаблабунов ҳақ аст ё мақомот?» дар дасти чоп аст.

Ҳамзамон номаҳое ҳастанд, ки муаллифонашон оид ба ин ё он мавзӯъ мақола, лавҳа ва ё хабаре навишта фиристодаанд. Қисми зиёди ин маводро мо кӯшиш менамоем таҳрир карда, чоп кунем.

Аммо баъзеи онҳоро, бинобар ба талаботи рӯз ва ба нашрияи мо мутобиқ набудан, умумигӯйӣ, далелҳои камаҳамият ва ғайра дар саҳифаҳои рӯзнома ҷой дода натавонистем.

Аз ҷумла мақолаи хабарнигори ҷамоавии мо Ҳокими Сафар «Китоб –сарчашмаи дониш», бинобар сабаби он ки умумигӯйии зиёд дошт, мавриди истифода қарор нагирифт. Бинобар овардани рақамҳои кам ва хоси рӯзномаи маҳаллӣ будани резаахбори Н.Ҳасанов -«Набзи ноҳия дар сатрҳо» аз чопаш худдорӣ карда шуд.

Вобаста ба маводҳои танқидӣ ва шикояти шаҳрвандон ба мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва вазорату идораҳо давоми шаш моҳи соли ҷорӣ ҳафт мактуб аз идораи рӯзнома ирсол гардид. Ба ин номаҳо чор ҷавоб омад, ки сетои он чоп шуд ва як ҷавоби дигар омодаи нашр аст.

Вақте номаҳои шаҳрвандон, навиштаҳои муаллифонро таҳлилу баррасӣ мекунед, аён мегардад, ки масъулон то чӣ андоза дар ҳалли масъалаҳо таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд.

Аз ҷумла ба мақолаи муаллифон М.Каримова – мудири шӯъбаи ташкилии Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва К.Ҳақназарзода – сармутахассиси ҳамин шӯъба - «Муколама бо мардум омили муҳими кафолати эътимоди онҳо ба ҳокимияти қонунгузор аст» (аз 6 феврали соли 2012 таҳти № 15 ) аз номи муовини раиси Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон М.Қаландарова ва мақолаи муаллифон Атоҷон Маҳмудҷонов, Каримҷон Ҷӯраев ва Ҷӯрахон Ғозиев - «Аз Меҳргон то Ориёӣ» (аз 10 январи соли 2012 таҳти № 5) аз номи муовини вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷ. Саидова ҷавоб расид, ки дар саҳифаҳои рӯзнома ба нашр расиданд.

Вобаста ба номаи мутахассиси шӯъбаи ҳифзи муҳити зисти ноҳияи Ҳисор Мардон Ашӯров, ки рӯзнома онро таҳти унвони «Милитсияи экологӣ оё пеши роҳи ифлосшавии муҳити атрофро мегирад?» (18 ноябри соли 2011 таҳти№ 136-137) чоп карда буд, аз номи сардори Раёсати Бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал- майори милитсия М.Саидов ҷавоб омад ва зери унвони «Танқид бояд асоснок бошад» дар рӯзнома 23 феврали соли 2012 таҳти №22 чоп шуд.

Вале тавре омӯзишу таҳлилҳо нишон доданд, баъзе масъулон ва шахсони мансабдор ҷиҳати иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вокуниши шахсони мансабдор ба маводҳои танқидӣ ва таҳлилии воситаҳои ахбори омма» аз 7 феврали соли 2009 таҳти №622 хунукназарона рафтор намуда, ба маводи таҳлилӣ, танқидӣ ва проблемавӣ сари вақт вокуниш нишон намедиҳанд. Аз ҷумла мақолаҳои таҳлилию проблемавии Ш.Шоҳқосимов - «Фориғболӣ то ба кай?» (аз 27 январи соли 2012 таҳти № 11), Ҳ.Назрулло - «Шитобкорӣ дар кори хайр» ( аз 28 феврали соли 2012 таҳти № 24), «На ҳама шахсони мансабдор ба мақолаҳои таҳлилию танқидӣ вокуниш нишон медиҳанд» (аз 3 феврали соли 2012 таҳти №13-14), «Ному насаб ҳам бояд ҳифз гардад» (аз 10 январи соли 2012 таҳти №5), «50 асос барои бунёди НБО-и Роғун» (аз 10 январи соли 2012 таҳти №5), «Номаҳо ва муроҷиати шаҳрвандон ба рӯзнома танҳо аз шикоят иборат нест» (аз 27 январи соли 2012 таҳти №11), «Шаҳрвандон бо умед муроҷиат мекунанд» (аз 10 феврали соли 2012 таҳти №16-17), «Мақсад таъмини адолат ва ҳифзи ҳуқуқи инсон» (аз 28 феврали соли 2012 таҳти №24), «Таъмини оилаҳои камбизоат бо телефонҳои хонагӣ вазифаи аввалиндараҷа мебошад» (аз 17 марти соли 2012 таҳти №32), «Ноболиғонро тарбияи дуруст мебояд», «Чаро хоҳиши мардумро ба инобат намегирем» (аз 31 марти соли 2012 таҳти №36), «Коҳиши талабот ба бензинро сабаб чист?», «Гар ҳаё набвад, барафтад расми исмат аз миён» (аз 6 апрели соли 2012, таҳти №39-40), «Чаро мо бепарвоем?» (аз 13 апрели соли 2012 таҳти №43), «Сарсонии ман кай анҷом меёбад?» (аз 24 апрели соли 2012 таҳти №51), «Дарёҳо маҷрои нав меҷӯянд» (аз 27 апрели соли 20012 таҳти №52-53), «Сад мушкили як мушкилӣ», «Чаро картошкаи Мастчоҳ ва Ҷиргатол тухми анқост?» (аз 3 майи соли 2012 таҳти №54), «Вазъи экологӣ пуршиддат мегардад» (аз 18 майи соли 2012 таҳти №61- 63), «Танзим талаби замон аст» (аз 16 июни соли 2012 таҳти №74-75) ва ғайра мебоист мавриди таваҷҷуҳи мансабдорону масъулон қарор гирифта, вокуниш нишон дода мешуд. Вале, афсӯс, ки чунин нашуд.

Аслан, мо, яъне роҳбарону соҳибмансабон, масъулон, сардорону мутахассисони ин ё он вазорату идора ва мақомот, олимону адибон, журналистон дар хизмати мардум қарор дорем ва бояд қудрати шунидани сухани аҳли ҷомеаро дошта бошем, арзи одамонро гӯш карда, баррасӣ намоем ва дар ҳалли масъалаҳои ба миёномада саъй кунем, то боварию эътимоди мардум ба давлат зиёд шавад, зеро дар шахси ҳар кадоми мо онҳо симои давлатро мебинанд.

***Шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеаи идораи рӯзномаи «Садои мардум»***

● Амалиёти «Кӯкнор-2012»

# ҲАМКОРИҲОИ МУШТАРАК НАТИҶА МЕДИҲАД

**Бо мақсади нобуд сохтани растаниҳои нашъадори худрӯй ва ғайриқонунӣ киштшуда дар ҷумҳурӣ аз 10 май то 15 июли соли равон марҳилаи якуми амалиёти «Кӯкнор-2012» гузаронида шуд.**

Ҷиҳати муташаккилона гузаронидани амалиёти мазкур, назорат ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, вазорату идораҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон Ситоди кории амалкунандаи «Кӯкнор-2012» дар назди Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфт. Ҳамзамон барои азназаргузаронии заминҳои наздиҳавлигӣ, хоҷагиҳои давлатӣ ва деҳқонӣ, иҷоравӣ 360 гурӯҳи фаврӣ-ҷустуҷӯйӣ бо иштироки 2650 нафар корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, 840 нафар намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятӣ сафарбар шуданд.

Бо ин мақсад аз 235 адад воситаҳои техникӣ ва нақлиётӣ истифода бурда шуд. Дар роҳҳои автомобилгарди самти Панҷакент-Айнӣ-Шаҳристон-Хуҷанд, Хоруғ-Дарвоз-Кӯлоб, Дарвоз-Тавилдара-Ҷиргатол, Кӯлоб-Душанбе, Қӯрғонтеппа-Душанбе, Душанбе-Турсунзода, Душанбе-Ҷиргатол ва гузаргоҳҳои «Бародарӣ» (ш.Турсунзода), «Фотеҳобод» (Мастчоҳ), «ПанҷиПоён» (Кумсангир), «Қарамик» (Ҷиргатол) ва «Қизил-Арт» (Мурғоб) бо мақсади ошкор ва пешгирии ҳодисаҳои интиқоли ғайриқонунӣ ва қочоқи маводи нашъаовар 175 дидбонгоҳи доимӣ ва сайёр гузошта шуд. Дар фурудгоҳҳо ва истгоҳҳои роҳи оҳан мунтазам гурӯҳҳои муштараки фаврӣ- ҷустуҷӯйӣ фаъолият менамоянд.

Аз тарафи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷараёни амалиёти «Кӯкнор-2012» аз муомилоти ғайриқонунӣ 1 тонаю 916 килою 200 грамм маводи нашъаовар мусодира шуд, ки аз ин 68 килою 606 грамми онро героин, 141 килою 170 грамм афюн, 1 тонаю 140 кило маводи нашъаовари гурӯҳҳои бангдона ташкил дод.

Ҳангоми гузаронидани амалиёт ба миқдори 1 миллиону 758 ҳазору 773 бех растаниҳои нашъаовари худрӯй дар майдони 36,6 гектар дарёфт ва нобуд карда шуд.

Барои таъмини назорат аз болои риояи қонунии муомилоти воситаҳои нашъаовар, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо дар муассисаҳои тиббӣ ва саноатии ҷумҳурӣ 80 санҷиш гузаронда, ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳо тадбирҳо андешида шуд.

Дар Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мулоқоти гурӯҳи корӣ оид ба ошкор намудан ва сабти номи беморони гирифтори нашъамандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор шуд, ки дар он намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, ҳамчунин созмонҳои байналмилалӣ, ки фаъолияташон ба қайди истеъмолкунандагони маводи мухаддир алоқаманд мебошад, ширкат намуданд. Дар ҷаласа масъалаҳои ошкорсозӣ, сабти ном ва ба қайд гирифтани истеъмолкунандагони маводи нашъадор аз ҷониби иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ, муайян намудани ҳодисаҳои марг аз истеъмоли воситаҳои нашъаовар ва ихтилофи маълумотҳои баъзе аз созмонҳои байналмилалӣ бо омори расмии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Мутобиқи маълумоти Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 июли соли ҷорӣ дар муассисаҳои наркологӣ 7245 нафар беморони гирифтори нашъамандӣ сабти ном шудаанд, ки 225 нафари онҳо занон мебошанд.

Дар ин миён ҷаласаи навбатии Шӯрои ҳамоҳангсозӣ оид ба пешгирии сӯистифода аз маводи мухаддир баргузор шуд. Дар ҷараёни он иштирокдорон ҳисоботи худро оид ба кори анҷомдодашуда ҷиҳати татбиқи «Барномаи ягонаи давлатии мақсадноки пешгирӣ аз нашъамандӣ ва муқобилият бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2008-2012» пешниҳод намуданд.

Натиҷаҳои амалиёти «Кӯкнор-2012» то 15 июли соли ҷорӣ дар ҷаласаҳои фаврӣ бо иштироки намояндагони ситодҳо, кормандони масъули мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар идораҳои дахлдор ҷамъбаст ва муҳокима шуданд.

***Аъзам МӮСОЕВ, «Садои мардум»***

# Аввалин корвони ангишт ба ноҳия ворид шуд

Раёсати Иттифоқи «Тоҷикматлубот»-и кишвар барои омодагӣ ба мавсими тирамоҳу зимистони солҳои 2012-2013 тасмим гирифтааст, ки дар доираи нақша-чорабиниҳои тасдиқшуда тамоми иншооти аҳамияти иҷтимоидошта ва аҳолиро бо ангиштсанги хушсифат таъмин намояд.

Дар ҳамин замина матлуботчиёни ноҳияи Рӯдакӣ дар ҷумҳурӣ аз аввалинҳо шуда, кашонидани ангиштсангро аз кони ангишти «Зиддеҳ»-и ноҳияи Варзоб оғоз намуданд. Беш аз 400 тонна ангиште, ки вориди ноҳия гардид, дар навбати аввал ба 135 мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои томактабӣ расонида мешавад. Масъулини Ҷамъияти матлуботи ноҳия тасмим гирифтаанд, ки то аввали моҳи сентябри соли равон тамоми воҳидҳои зертобеъи Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар корхонаву ташкилотҳои аҳамияти иҷтимоидоштаи ҳудуди ноҳияро, тибқи талабот, бо маводи сӯхт, аз ҷумла ангиштсанг, таъмин намоянд.

Ҷамъияти матлуботи ноҳияи Рӯдакӣ бо мақсади бе мушкилӣ паси сар намудани зимистони дарпешистода бо кони ангишти «Зиддеҳ» ба миқдори ду ҳазор тонна ангишт шартнома бастааст. Онҳо ният доранд, ки собиқадорони ҷангу меҳнат ва дигар пирони бекасу танҳоро низ ройгон бо ангиштсанг таъмин намоянд.

***Муҳаммад ЗОКИР, «Садои мардум»***

# ОФИЯТБАХШИИ МАЪЮБОН САТҲУ СИФАТИ НАВРО ТАҚОЗО ДОРАД

Дар Паёми имсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мақоми олии қонунгузори кишвар - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин зикр гардидааст: «Сиёсати иҷтимоии давлат, чун солҳои пешин, ба таъмин намудани адолати иҷтимоӣ, паст кардани сатҳи камбизоатии аҳолӣ ва фароҳам овардани имкониятҳои баробари рушд равона карда шудааст».



Дар ин Паём ҳамчунин зикр шудааст: «Яке аз ҳадафҳои асосии давлат дастгирии гурӯҳҳои осебпазири ҷомеа, яъне онҳое, ки воқеан ҳам мӯҳтоҷи дастгирианд, аз ҷумла собиқадорони ҷангу меҳнат, кӯдакони бесаробон ва оилаҳои камбизоат ба шумор меравад».

Тибқи маълумотҳо, то моҳи сентябри соли гузашта дар ҷумҳурӣ қариб 181 ҳазор шахсони маъюб ба қайд гирифта шудаанд, ки аз ин миқдор 24 ҳазораш кӯдакон мебошанд. Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи ташхис ва барқарорсозии қобилияти кории маъюбон» соли 1992 таъсис ёфта, имсол ба шурӯъи фаъолияти он бист сол пур мешавад. Ба зиммаи пажӯҳишгоҳ таҳияи ҳуҷҷатҳои меъёриву тавсиявӣ, муайян намудани самти иҷтимоӣ ва асосноккунии илмии роҳҳои ҳалли мушкилоти маъюбон вогузор гардидааст. Дар ҳамин радиф, ба анҷом расонидани корҳои илмӣ- тадқиқотӣ, омода намудани ходимони илмӣ, беҳтар намудани сифати хизматрасонии тиббӣ ба маъюбон, муҳайё намудани шароит барои табобат ва барқарор сохтани қобилияти кории онҳо низ аз ҷумлаи самтҳои фаъолияти муассисаи зикршуда маҳсуб меёбад. Мушоҳидаҳо гувоҳи онанд, ки давоми чанд соли охир, хоса баъд аз директори он таъин гардидани мутахассиси масъулиятшиносу ҷашмикордон, доктори илмҳои тиб Амонулло Ғоибов, фаъолияти муассисаи фавқуззикр ба марҳилаи нав ворид гашта, мадди назар аст, ки дар оянадаи наздик фаъолияти пажӯҳишгоҳ бо сатҳу сифати нав роҳандозӣ гардад.

Замони омадани мо ба ин макон кори сохтмон босуръат идома дошту роҳбари масъулиятшиноси пажӯҳишгоҳ Амонулло Ғоибов хеле сертараддуд буд. Аз сӯҳбат бо мавсуф маълум гашт, ки кормандони пажӯҳишгоҳ ҷаҳду талош доранд ҷашни бистсолагии муассисаро бо нишондиҳандаҳои назарраси фаъолият пешвоз бигиранд. Бино ба гуфти А.Ғоибов сатҳу сифати хизматрасонии тиббӣ дар муқоиса ба солҳои пешин беҳтар гардидааст. Давоми шаш моҳи соли равон дар пажӯҳишгоҳ 495 нафар маъюбон ба табобат фаро гирифта шудаанд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта зиёдтар аст. Агар мӯҳлати миёнаи табобат дар нимсолаи аввали соли 2011-ум 14,5 рӯзро ташкил дода бошад, пас дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ мӯҳлати миёнаи табобат 12,9 рӯзро ташкил додааст. Омили мазкурро метавон далели бамаротиб беҳтар гардидани сифати ташхису табобати арзёбӣ намуд.

Дар сохтори пажӯҳишгоҳ ҳуҷраҳои ташхиси ултрасадоӣ, ташхиси лабораторӣ, дарунигарӣ, махсу физиотерапевтӣ мавҷуданд ва мансубини онҳо дар тавонбахшии маъюбон саҳми босазо доранд. Масалан, дар натиҷаи табобати физиотерапевтӣ ва махси муолиҷавӣ 78 нафар маъюбоне, ки роҳ гашта наметавонистанд, қобилияти роҳгардиашон эҳё шуд. Барои тавонбахшии беморон дар муассиса ҳамчунин толори варзишӣ- табобатӣ фаъолият дошта, омили мазкур низ дар барқароршавии қобилияти кории маъюбон нақш дорад. Директори пажӯҳишгоҳ қабули Консепсияи рушди пажӯҳишгоҳро барои солҳои 2012-2014 аз ҷумлаи рӯйдодҳои муҳиму фараҳбахши раванди фаъолият арзёбӣ менамояд.

Бино ба гуфти Амонулло Ғоибов, ҳуҷҷати зикршуда 24 ноябри соли 2011 қабул гардида, дар асоси Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ», Стратегияи давлатии рушди бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020, Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2012 ва санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст. Ҳамсӯҳбатамон мӯътақид аст, ки иҷрои саривақтӣ ва самараноки ҳуҷҷати мазкур замина фароҳам меорад, ки фаъолияти муассиса вусъат ёфта, сатҳу сифати хизматрасонӣ низ бамаротиб беҳтар шавад, зеро Консепсияи фавқуззикр ҳуҷҷати заминавӣ буда, стратегияи рушди пажӯҳишгоҳ, самтҳои асосии фаъолият ва афзалиятҳои рушди минбаъдаи онро мутобиқи вазифаҳои аввалиндараҷаи сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ муайян менамояд.

Рушди минбаъдаи хизматрасониҳои дахлдори иҷтимоӣ ва офиятбахшӣ вусъатбахшии раванди таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба маъюбон рабтдоштаро тақозо менамояд. Табиист, ки дар ин росто масъулияти пажӯҳишгоҳ низ бештар мешавад. Дар ҳамин радиф, татбиқи намудҳои нави хизматрасонии иҷтимоӣ эҳтиёҷро ба кормандони иҷтимоии сатҳҳои гуногуни тахассусӣ афзун менамояд. Вале, мегӯяд Амонулло Ғоибов, мутаассифона, дар ҷумҳурӣ танҳо як кафедраи кори иҷтимоӣ дар заминаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мавҷуд асту халос. Бо шарофати Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон имконият пайдо шуд, ки кафедраи тавонбахшии тиббии иҷтимоӣ барои тайёр кардани мутахассисони миёнаи тиббӣ дар заминаи муассиса моҳи сентябри соли 2011 ба фаъолият шурӯъ намояд. Дар соли хониши сипаришуда 45 нафар довталабон ба факултети нав қабул шуда, имсол низ 50 нафар бояд шомил шаванд.

Бо дастгирии олимону устодони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино барномаҳои таълимӣ роҳандозӣ шуданд.

Дар кору фаъолияти устодону кормандон ва кафедраи навтаъсис мушкилоти зиёд низ ҷой дорад ва бовар дорем, ки онҳо бартараф мешаванд.

Дар ҳамин радиф, ба назари директори пажӯҳишгоҳ бояд ҳамоҳангсозиву мутобиқгардонии қонунгузории ҷумҳурӣ бо санадҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои маъюбон аз ҷониби мақоми олии қонунгузории кишвар -Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин карда шавад, зеро бе мавҷудияти заминаи мукаммали қонунгузорӣ фаъолияти муназзаму самараноки соҳаро умедвор шудан мантиқан нодуруст аст. Ҳалли вазифаҳои зикргардида талаб менамояд, ки самтҳои фаъолияти пажӯҳишгоҳ бознигарӣ шуда, ҳайати кормандон ва заминаи моддӣ -техникии он тақвият бахшида шавад.

-Дар урфият мегӯянд, ки «Маъюб он нест, ки бадани заиф дорад, маъюб он аст, ки иродааш заиф аст»,- афзуд Амонулло Ғоибов. -Зиёданд шахсоне, ки бо вуҷуди нуқси тиббӣ доштанашон боғайрату ҳимматбаланданд ва кӯшиш менамоянд, ки барои ободиву осудагии ҷомеаву давлат ба қадри имкону тавонашон ҳиссагузор бошанд. Мусоидат намудан ба ин табақаи аҳолӣ баҳри офият ёфтанашон вазифаи ҷонии мо мебошад ва тамоми кӯшишамонро ба харҷ хоҳем дод то ин рисолати хешро бояду шояд ба ҷой оварем.

Тибқи маълумоти дастраснамудаамон, айни замон ба шахсони ба ёрии иҷтимоӣ ниёздошта дар сохтори Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳафт хона-интернат, чор осоишгоҳ, як Маркази миллии тавонбахшӣ барои наврасон ва кӯдакон, як Муассисаи давлатии «Литсей-интернати касбии махсуси маъюбон», корхонаи протезиву ортопедӣ, сивупанҷ шӯъбаи хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона ва чордаҳ маркази минтақавии хизматрасонии иҷтимоӣ хизмат мерасонад. Ҳамасола аз ҳисоби маблағи буҷети давлатӣ тариқи муассисаҳои тобеи вазорати фавқуззикр ба зиёда аз бист ҳазор нафар эҳтиёҷмандон хизматҳои гуногуни иҷтимоӣ расонида мешавад.

Давоми бист соли истиқлолият шумораи муассисаҳои иҷтимоӣ барои маъюбону пиронсолон ва шахсони бесаробон низ тамоюли афзоишро касб намудааст. Дар ҳамин росто, номгӯйи хизматҳои иҷтимоии давлатӣ аз се намуди замони то истиқлолият имрӯз ба бист номгӯйи мутобиқ ба меъёрҳои байналмилалӣ расидааст. Ҷоиз ба зикр аст, ки маблағгузории муассисаҳои зикршуда мунтазам афзоиш ёфта, соли ҷорӣ нисбат ба панҷ соли пешин якуним баробар афзудааст. Овардани далелҳои мазкур ба он хотир аст, ки ҳамватанони азиз бояд дарк намоянд, ки ҳалли масъалаҳои вобаста ба ҳифзи иҷтимоии маъюбону ниёзмандон, бахусус таълиму тарбия ва тавонбахшиву мутобиқгардонии онҳо бо зиндагии фаъолона, аз ҷумлаи вазифаҳои асосии Давлат ва Ҳукумат ба ҳисоб мераванд.

***Ҷумъахон НАБОТОВ, Далер МЕРГАНОВ, «Садои мардум»***

● Ба «Садои мардум» ҷавоб омад

# ЛАБЛАБУНОВ ҲАҚ АСТ Ё МАҚОМОТИ МАҲАЛЛӢ?

Дар рӯзномаи «Садои мардум» аз 13 апрели соли 2012 таҳти №43 (2870) мақолаи шаҳрванд, истиқоматкунандаи деҳоти «Ванҷ», қишлоқи Роғ Хуршед Лаблабунов таҳти унвони «Арзи моро гӯш намекунанд» ба табъ расидааст.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ванҷ нуктаҳои танқидии ин мақоларо мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода, маълум намуд, ки бо қарори раиси ноҳияи Ванҷ аз 24 октябри соли 2004 таҳти №134 барои ташкили хоҷагии инфиродии «Нукаршои Сайдалӣ» иҷозат дода шудааст.

Хуршед Лаблабунов ду маротиба ба суд оиди бекор кардани қарори марбутаи раиси ноҳияи Ванҷ ва Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин аз 10 январи соли 2006, ки ба Навкаршоев Сайдалӣ дода шудааст ва оид ба пурра кардани саҳми заминаш бо 1,44 гектар муроҷиат намудааст. Суди ноҳияи Ванҷ аз 21 апрели соли 2008 аризаи ӯро мавриди баррасӣ қарор дод ва 700 $м^2$ кам замин доштани Лаблабуновро собит сохт.

Тибқи моддаҳои 198, 203 Кодекси мурофиавии гражданни Ҷумҳурии Тоҷикистон суди ноҳия ин масъаларо ба таври зер ҳал кардааст:

«Даъво қаноат карда шавад.

Аз саҳми замини хоҷагии деҳқонии Навкаршоев Сайдалӣ майдони 600 $м^2$ ҷангалзор гирифта, ба Лаблабунов Хуршед дода шавад.

Кумитаи заминсозии ноҳияи Ванҷ уҳдадор карда шавад, ки саҳми замини Хуршед Лаблабунов мувофиқи шаҳодатнома ба 1,44 гектар пурра карда шавад».

Аммо аз заминҳои ҷудокардаи Комиссияи Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ванҷ, ки 1-2 км аз замини хоҷагии Лаблабунов дур аст, Лаблабунов тибқи забонхаташ аз он даст кашидааст.

Илова бар ин, Суди ноҳияи Роштқалъа парвандаи гражданиро бо даъвои Хуршед Лаблабунов нисбати Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ванҷ, Кумитаи заминсозии ноҳияи Ванҷ, хоҷагии деҳқонии «Роғ» ва Навкаршоев Сайдалӣ оиди бекор кардани қарори раиси ноҳияи Ванҷ аз 24 декабри соли 2004 таҳти №134 ва Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини Навкаршоев Сайдалӣ аз 10 январи соли 2006 баррасӣ намудааст.

28 октябри соли 2011 Суди ноҳияи Роштқалъа нисбати баҳси мазкур ҳалнома баровардааст, ки то ҳол қувваю эътибор дорад.

Дар ҳалнома чунин омадааст: «Даъвои Хуршед Лаблабунов нисбати Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ванҷ, Кумитаи заминсозии ноҳияи Ванҷ, хоҷагии деҳқонии «Роғ» ва Навкаршоев Сайдалӣ оиди бекор кардани қарори раиси ноҳияи Ванҷ аз 24 декабри соли 2004 таҳти №134 ва Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин таҳти №58 дараҷаи А 0117214 аз 10 январи соли 2006 рад карда шавад».

Асоси рад намудани даъвои Хуршед Лаблабунов мувофиқи талаботи моддаи 220 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳлати даъвоест, ки дар он талаби даъво аз сабаби вайрон кардани ҳуқуқи шахс ё қонуни ҳифзшавандааш ба миён омадааст. Мувофиқи моддаи 221 Кодекси гражданин Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳлати умумии даъво се сол муқаррар карда шудааст. Даъвогар баъди се солу шаш моҳ ба суд муроҷиат намудааст ва далели асосноке надорад.

Мо мехостем, ки мӯҳтарам Хуршед Лаблабунов пеш аз навиштани мақолааш таваҷҷуҳ менамуд:

-Тибқи маълумотномаи хоҷагии деҳқонии «Роғ» ҳоло ба Хуршед Лаблабунов аз ҳисоби заминҳои корам 0,71 гектар, боғ 0,12 гектар, алафдарав 0, 14 гектар ва аз заминҳои чарогоҳи лаби дарё 0,20 гектар вобаста карда шудааст.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ванҷ масъалаи мазкурро ҷиддӣ омӯхта баромад.

Пеш аз ҳама зикр карданием, ки дар ноҳияи Ванҷ хоҷагиҳо то ҳол бе чарогоҳи мол ва ҷойи хордарав нестанд.

Дар охир Хуршед Лаблабунов навиштааст, ки барои ҳалли қазия ба унвони раиси Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва Кумитаи заминсозии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ариза навиштаам ва ҷавобамро интизорам.

Аз 20 апрели соли 2012 таҳти №70 ба аризадиҳанда Хуршед Лаблабунов аз Кумитаи заминсозии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ҷавоб омадааст, ки тибқи маълумотномаи раиси Ҷамоати деҳоти «Ванҷ» аз 18 апрели соли 2012 таҳти №465 ӯ дар қаламрави ноҳия нест, ба шаҳри Душанбе рафта будааст. Баъди бозгашт аризааш такроран дида мешавад.

Аз Хуршед Лаблабунов хоҳиш менамоем, ки минбаъд ҳангоми ба рӯзномаҳо муроҷиат кардан ҳамеша ҷиҳати қонунии масъаларо ба назар гирад.

Чаро Хуршед Лаблабунов оиди парвандаи ҷиноятиаш, ки соли 2001 барои худсарона истифода бурдани замини Навкаршоев Сайдалӣ кушода шуда буд, ҳарф намезанад?

Илова бар ин 1,9 гектар заминҳои бародараш М.Лаблабунов, ки тайи солҳои охир дар шаҳри Душанбе истиқомат дорад, тибқи тасдиқномаи Кумитаи заминсозии ноҳияи Ванҷ дар истифодабарии Хуршед Лаблабунов мебошанд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ванҷ дар асоси омӯзиши мақолаи танқидии Хуршед Лаблабунов дар тамоми идораю муассисаҳои дахлдор санҷиш гузаронида, ба хулосае омад, ки ба ҳамаи муроҷиатҳои Хуршед Лаблабунов дар асоси қонун ҷавоб гардонида шудааст. Эродҳои ӯ асоси қонунӣ надоранд.

***Амрихудои ДАМДОР, раиси ноҳияи Ванҷ***

● Барои ҳосили дилхоҳ

# ДАР ЗАФАРОБОД ТАЪМИНИ ОБ БЕҲТАР МЕГАРДАД

Дар ноҳияи Зафаробод обёрӣ тавассути пойгоҳҳои обкашӣ таъмин мешавад.

-Дастовардҳои кишоварзони ноҳия дар муддати шаш моҳи аввали соли равон бад нестанд. Ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзӣ дар ин муддат бо нархҳои муқоисавӣ 55 млн. 771 ҳазор сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 406 ҳазор сомонӣ зиёд аст, - мегӯяд сардори Раёсати кишоварзии ноҳия Мирзораҳмат Хоркашов.

Давоми ин муддат дар ҳама шаклҳои хоҷагидорӣ 720 тонна гӯшт, 5546 тонна шир, 1093 ҳазор дона тухм, 14 тонна пашм, 6,3 тонна пилла ва 7 тонна асал истеҳсол шудааст.

Бояд гуфт, ки пойгоҳҳои обкашӣ асоси фаъолияти муназзами хоҷагиҳо ва мардуми ноҳия мебошад. Аз ин рӯ, мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатии ноҳия ба ин самт таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, ба масъалаҳои таҷдид ва таъмиру тармими пойгоҳҳои обкашӣ бо ҷалби маблағҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва ноҳия, сармояи хориҷӣ аҳамияти хоса зоҳир менамояд.

-Дар натиҷа, таъминоти хоҷагиҳо бо оби полезӣ дар ин давра беҳтар гардида, аз оғози соли равон кишоварзони ноҳия манфиати ин тадбирҳои судбахшро амиқу равшан эҳсос намуданд, - афзуд мавсуф.

Гузашта аз ин, дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2009 таҳти №612 «Дар бораи тадбирҳои беҳтар намудани вазъи мелиоративии заминҳои обёришавандаи кишоварзии ноҳияи Зафаробод барои солҳои 2010-2014» як силсила тадбирҳои мелиоративӣ гузаронида шуда, давоми нимсолаи аввали соли 2012 ҳолати мелиоративии 87 гектар замин беҳтар карда шудааст.

Зафарободиён имсол дар майдони 12 ҳазору 407 гектар чигит, 4 ҳазору 600 гектар ғалладона, 1 ҳазору 400 гектар полезӣ ва 450 гектар сабзавот кишт карда, ният доранд ҳосили хуб гиранд.

-Нашъунамои пахта хуб аст. Нақшаи истеҳсоли пахта дар ноҳия имсол зиёда аз 20 ҳазор тоннаро ташкил медиҳад. Умед аст, ки нақша барзиёд иҷро мешавад, албатта, агар тадбирҳои заруриву саривақтии нигоҳубини пахтаро дуруст анҷом бидиҳем ва ҳосили бадастомадаро сари вақт ҷамъоварӣ кунем,- мегӯяд Мирзораҳмат Хоркашев.

Ҳамсӯҳбати ман ба суоли «Чаро ҳосили ғалладона дилхоҳ нашуд», чунин посух гардонид:

-Аксари заминҳои кишти ғалладона аз боришот ва таъмини об сахт вобастагӣ доранд. Чун имсол дар вақташ боришот нашуд, аксари ҳосил нобуд гардид. Бинобар ин, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия ва хоҷагиҳои деҳқонӣ кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки роҳҳои дигари дарёфти обёриро андеша намоянд. Ба хотири таъминот бо об ба ҷуз насосҳои обкашӣ, дар хоҷагиҳои деҳқонии ноҳия боз зиёда аз 60 адад чоҳи амудӣ амал мекунад. Деҳқонон ҳамеша аз пайи ҷустуҷӯи роҳҳои беҳтаршавии кори соҳа мебошанд. Масалан, тӯли шаш моҳи соли равон кишоварзони хоҷагиҳои деҳқонии Ҷамоати деҳоти «Равшан» 12 чоҳҳои амудӣ кофта, мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд ва чоҳҳои бекормондаро аз нав фаъол намуданд. Ғайр аз ин, дар доираи Барномаи рушди иқтисодии деҳот бо ҷалби сармояи хориҷӣ дар қаламрави ноҳия боз 11 адад чоҳи амудӣ, ки солҳои тӯлонӣ бекор мехобид, барқарор мешаванд. То ин муддат 80 фоизи корҳо иҷро шуда, баробари ба кор андохтани ин чоҳҳо масъалаи таъмини хоҷагиҳо бо об боз беҳбуд хоҳад ёфт.

***Ҳусейни НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»***

# КИШОВАРЗӢ РУШД МЕЁБАД



Соҳаи кишоварзӣ дар ноҳияи Тоҷикобод сол то сол рушд дорад. Кишоварзон мутобиқ ба иқлими маҳал кишти зироатҳоеро ба роҳ мондаанд, ки ҳосили бештар диҳанд. Имсол онҳо дар майдони 650 гектар картошка, 1805 гектар ғалла, 24 гектар зироати техникӣ кишт намуданд.

Деҳқонон мақсад доранд, ки имсол ҳосили зиёд ҷамъоварӣ намоянд. Аз ҷумла ҷамъоварии картошкаро ба 14 ҳазор тонна, ғалларо ба 3600 тонна расониданӣ ҳастанд.

Занбӯри асал 4720 оиларо ташкил медиҳад. Ният доранд солҳои оянда истеҳсоли асалро то ба 5 тонна расонанд.

Ин ҷо барои аз дарахтони мевадиҳанда гирифтани ҳосили баланд имкониятҳо зиёданд. Бо ин мақсад майдони боғ зиёд гардонида мешавад. Танҳо соли ҷорӣ дар майдони 26 гектар боғи нав бунёд шуд.

***ДАР СУРАТ: муовини раиси ноҳияи Тоҷикобод Аброр Ғафуров (аз чап дуюм) бо сардори раёсати кишоварзии ноҳия Қурбоналӣ Талбонов, роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ Нуралӣ Мирзоев ва Ёдгор Тӯйчиев майдони картошказорро аз назар мегузаронанд.***

***Матн ва сурати М.РИЗВОНОВ***

Таъмини аҳолӣ бо манзили истиқоматӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат ба шумор меравад. Аз ҳисоби хоҷагиҳои давлатӣ ва деҳқонии ноҳияи Рашт дар майдони умумии 799,92 гектар ба 5813 оилаи эҳтиёҷманд қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ тақсим карда мешавад.

## БА 5813 ОИЛА БАРОИ БУНЁДИ МАНЗИЛ ЗАМИН ҶУДО МЕШАВАД

Оид ба иҷрои ин иқдом дар ноҳияи Рашт тадбирҳои зарурӣ андешида шуда, бояд то охири соли ҷорӣ ниёзмандон пурра бо қитъаи замин таъмин гарданд. Зикр кардан бамаврид аст, ки то ин замон аз ҳисоби заминҳои наздиҳавлигии зиёдатӣ ба зиёда аз 1300 оила замин тақсим карда шуд. Аз ҳисоби заминҳои фонди ноҳия бошад, тақсими замин мутобиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои додани қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ пас аз гирифтани ҳосили рӯёнидашуда амалӣ мегардад.

Аввалин қитъаҳои замини ҷудогардида дар Ҷамоати деҳоти Ҷафр тариқи қуръапартоӣ ба шахсони ниёзманд тақсим шуд. Дар ҳудуди деҳоти мазкур ниёзмандон дар қитъаи замини наздиҳавлигӣ ҳамагӣ 363 нафарро ташкил медоданд, ки аз ин миқдори 155 оила аз ҳисоби заминҳои дохили аҳолинишин ва зиёдатӣ қонеъ карда шуда, 207 оилаи дигар аз ҳисоби фонди ноҳия таъмин гардиданд. Инчунин аризаи 8 нафари дигар бо сабаби ниёз надоштан ба қитъаи замин қонеъ гардонида нашуд.

Давоми соли ҷорӣ 1114 оила бо замини наздиҳавлигӣ таъмин гардиданд. Мувофиқи қарори Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ аз ҳисоби фонди ноҳия ҷудо гардида, бояд пеш аз ҳама ба шахсоне тақсим карда шавад, ки дар як хона зиёда аз се оила истиқомат мекунанд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки дар давоми бист соли соҳибистиқлолии кишвар ин аввалин маротиба аст, ки ба ноҳияи Рашт барои қонеъ намудани аҳолӣ бо қитъаи замин фонди калон ҷудо мегардад. Сокинони ноҳия ҳамаи инро аз осоиштагии кишвар ва таваҷҷуҳи Роҳбари оқилу дурандеши мамлакат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон медонанд.

***Ҷамшеди ҲОМИД, хабарнигор***

## «ПАРАСТУ» ДАР ҶОДАИ ПАРВОЗ

- Дар асоси фармони Раёсати маорифи вилояти Суғд, ки соли 2012 «Соли муассисаҳои томактабӣ» эълон гардидааст, кӯдакистони мо - «Парасту» чорабиниҳои зиёдро амалӣ месозад,- мегӯ-яд мудири кӯдакистон Р.Холиқназарова. -Мо тез-тез озмуну сӯҳбатҳо мегузаронем. Дар байни модарони ҷавон, ки фарзандонашон дар тарбияи мо қарор доранд, мусобиқаҳои варзишӣ ва озмуни «Кадбонуи беҳтарин» доир намудем. Ин чорабиниҳо ба мустаҳкамшавии алоқаи боғча ва волидайн мусоидат мекунанд. Ғайр аз ин, рӯзномаи намоишии мо, дар семинари вилоятӣ беҳтарин ҳисобида шуда, сазовори ҷойи якум гашт. Дар мусобиқаи варзишии байни дастаҳои кӯдакистони ноҳия кӯдакони боғчаи мо ҷойи дуюмро ишғол намуданд. Дар озмуни ноҳиявии «Шукуфаҳои истиқлол» дастпарвари мо Шоҳина Ӯрозалиева бо шеър ва рақсҳои мавзунаш ҷойи дуюмро сазовор шуд.

-Мақсади асосӣ аз ин ҳама чорабиниҳо тарбияи солим ва босаводу соҳибмаърифат гардонидани фарзандон мебошад,- мегӯяд мудири кӯдакистони «Парасту»-и ноҳияи Зафарободи вилояти Суғд Р.Холиқназарова.

***Ҳ. НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»***

# Э Ъ Л О Н

**Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар дастгоҳи марказӣ барои ишғоли вазифаҳои холии маъмурии зерин ОЗМУН эълон менамояд**

**Раёсати ташкили хизматрасонии иҷтимоӣ:**

1. Мутахассиси пешбари шӯъбаи хизматрасонии иҷтимоӣ дар муассисаҳои будубоши доимӣ (талаботи тахассусӣ: иқтисодчӣ, ҳуқуқшиносӣ, сиёсатшиносӣ);

2. Мутахассиси шӯъбаи хизматрасонии иҷтимоӣ дар муассисаҳои будубоши муваққатӣ (талаботи тахассусӣ: иқтисодчӣ, ҳуқуқшиносӣ, сиёсатшиносӣ);

**Раёсати бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ:**

3. Сармутахассиси шӯъбаи дастгирии соҳибкории шаҳрвандони бекор (талаботи тахассусӣ: иқтисодчӣ, ҳуқуқшиносӣ);

**Раёсати ташкилӣ ва ҳуқуқ:**

4. Мутахассиси шӯъбаи ташкилӣ ва назоратӣ (талаботи тахассусӣ: ихтисоси иқтисодӣ, ҳуқуқшиносӣ, оморӣ, риёзидон);

**Раёсати муҳоҷирати дохилӣ ва экологӣ:**

5. Сардори шӯъбаи муҳоҷирати дохилӣ (талаботи тахассусӣ: иқтисодӣ, ҳуқуқшиносӣ);

6. Мутахассиси пешбари шӯъбаи муҳоҷирати дохилӣ (талаботи тахассусӣ: иқтисодӣ, ҳуқуқшиносӣ, гуманитарӣ);

**Шӯъбаи робитаҳои байналмилалӣ ва ҷамъиятӣ:**

7.Мутахассиси пешбар (талаботи тахассусӣ: иқтисоди байналмилалӣ, ҳуқуқшиносӣ, забонҳои хориҷӣ, сиёсатшиносӣ);

**Шӯъбаи маъмурию хоҷагӣ:**

8. Мутахассиси пешбари шӯъбаи маъмурию хоҷагӣ;

9. Сармутахассиси шӯъбаи маъмурию хоҷагӣ.

Раёсату шӯъбаҳои Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ:

10. Сармутахассиси Раёсати Агентӣ дар ноҳияи Ҳисор (талаботи тахассусӣ: иқтисодчӣ, ҳуқуқшиносӣ, гуманитарӣ);

11. Сармутахассиси шӯъбаи Агентӣ дар ноҳияи Шаҳринав (талаботи тахассусӣ: иқтисодчӣ, ҳуқуқшиносӣ, гуманитарӣ);

12. Мутахассиси пешбари Раёсати Агентӣ дар шаҳри Турсунзода (талаботи тахассусӣ: иқтисодчӣ, ҳуқуқшиносӣ, гуманитарӣ);

13. Мутахассиси Раёсати Агентӣ дар шаҳри Ваҳдат (талаботи тахассусӣ: иқтисодчӣ, ҳуқуқшиносӣ, гуманитарӣ);

14. Мутахассиси пешбари шӯъбаи Агентӣ дар ноҳияи Варзоб (талаботи тахассусӣ: иқтисодчӣ, ҳуқуқшиносӣ, гуманитарӣ);

15. Мутахассиси шӯъбаи Агентӣ дар ноҳияи Варзоб (талаботи тахассусӣ: иқтисодчӣ, ҳуқуқшиносӣ, гуманитарӣ);

16. Мутахассиси шӯъбаи Агентӣ дар ноҳияи Нуробод (талаботи тахассусӣ: иқтисодчӣ, ҳуқуқшиносӣ, гуманитарӣ);

17. Мутахассиси пешбари шӯъбаи Агентӣ дар ноҳияи Тоҷикобод (талаботи тахассусӣ: иқтисодчӣ, ҳуқуқшиносӣ, гуманитарӣ);

18. Мутахассиси пешбари шӯъбаи Агентӣ дар шаҳри Роғун (талаботи тахассусӣ: иқтисодчӣ, ҳуқуқшиносӣ, гуманитарӣ);

19. Сармутахассиси Раёсати Агентӣ дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ (талаботи тахассусӣ: баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит, молия, иқтисодӣ);

20. Сардори шӯъбаи молия ва тарҳрезии Сарраёсати Агентӣ дар вилояти Хатлон (талаботи тахассусӣ: баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит, молия, иқтисодӣ).

**Барои иштирок дар озмун ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

- ариза, варақаи шахсӣ, ҳолнома, 2 дона сурати 4х6, хулосаи тиббӣ (шакли 86);
- нусхаи ҳуҷҷати тасдиққунандаи таҳсилот, дафтарчаи меҳнатӣ, шиноснома, гувоҳнома дар бораи рақами мушаххаси андозсупоранда;

Кор бо компютер ҳатмӣ, донистани забонҳои хориҷӣ афзалият дорад.

*Нишонии қабули ҳуҷҷатҳо:* **шаҳри Душанбе, кӯчаи Алишер Навоӣ, 5/6, ҳуҷраи 21, телефонҳо: 236-87-05, 235-15-25.**

**Ҳуҷҷатҳо дар давоми 14 рӯз, баъд аз чопи эълон, қабул карда мешаванд.**

## БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ

### БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНОНУ ПУДРАТЧИЁН !

# Даъватномаи иштирок дар озмуни харид

Комиссияҳои муштараки озмуни харидӣ **Агентии харидӣ давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** (минбаъд – мақомоти Ваколатдор, суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ 22, тел: 221-47-03, 223-11-80) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои харидӣ номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:

| №ДИО | Ташкилоти Харидор | Ному насаб ва телефони шахси масъул | Предмети харид | Воҳиди ченак | Миқдор | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 2412/1-1101 | Раёсати таъминоти моддӣ-техникӣ ва низомии ВКД | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Профилактикаи кондинсионерҳо | номгӯй | 8 | 24.08.2012 соати $9^{00}$ |
| 2413/1-1102 | Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Сабти барномаҳои компютерӣ | номгӯй | 9 | 4.09.2012 соати $09^{00}$ |
| 2414/1-1103 | Раёсати Бозрасии давлатии автомобилии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Намудҳои баландгӯякҳо | номгӯй | 8 | 24.08.2012 соати $10^{00}$ |
| 2415/1-1104 | Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Қисмҳои эҳтиётии автомобилӣ | маълумот пешниҳод карда мешавад | | 24.09.2012 соати $10^{00}$ |
| 2416/1-1105 | Донишгоҳи технологии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Кондинсионерҳо | номгӯй | 4 | 4.09.2012 соати $10^{00}$ |
| 2417/2-698 | Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №1, ноҳияи И.Сомонии шаҳри Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Мебел | номгӯй | 4 | 24.09.2012 соати $10^{50}$ |
| 2418/3-564 | Шӯъбаи фарҳанги ноҳияи Ҳисор | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири бинои китобхонаи марказӣ ва бинои мактаби «Санъат» | тибқи санади нуқсонӣ | | 4.09.2012 соати $10^{40}$ |
| 2419/3-565 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Х.Исмоилов 227-04-75 | Ороиши кӯчаву хиёбонҳои ноҳияи Шоҳмансур | маълумот пешниҳод карда мешавад | | 24.08.2012 соати $11^{00}$ |
| 2420/3-566 | Шӯъбаи маорифи ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири кӯдакистони № 134, ноҳияи Фирдавсӣ | тибқи санади нуқсонӣ | | 24.09.2012 соати $11^{20}$ |
| 2422/3-568 | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ҳисор | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири роҳҳои автомобилгард | тибқи санади нуқсонӣ | | 24.09.2012 соати $11^{40}$ |
| 2421/3-567 | Ҷамоати шаҳраки Ҳисори ноҳияи Ҳисор | Х.Исмоилов 227-04-75 | Боғчаи бачагонаи №17 | тибқи санади нуқсонӣ | | 4.09.2012 соати $11^{00}$ |
| 2423/1-569 | Ҷамоати шаҳраки Ҳисори ноҳияи Ҳисор | Х.Исмоилов 227-04-75 | Кӯдакистони №8 | тибқи санади нуқсонӣ | | 4.09.2012 соати $13^{00}$ |
| 2424/3-570 | Ҷамоати шаҳраки Ҳисори ноҳияи Ҳисор | Х.Исмоилов 227-04-75 | Кӯдакистони №3 | тибқи санади нуқсонӣ | | 4.09.2012 соати $9^{00}$ |
| 2216/3-514 | Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Х.Исмоилов 227-04-75 | Барномаи зидди вирусӣ:kaspersky Business security Russian Edition 25-49 User | адад | 260 | 24.08.2012 соати $10^{00}$ |

1. Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақомоти Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.

2. Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои мӯҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

3. Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак, тибқи тартиби муқарраргардида, кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.




## Тасҳеҳ

Агентии харидӣ давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ медиҳад, ки дар Даъватномаи иштирок дар озмуни харидӣ таҳти №2326/1-1057, ки дар рӯзномаи «Садои мардум» таҳти №101-102 (2928-2929) аз 7 августи соли 2012 нашр гардидааст, санаи баргузории озмун 17 августи соли 2012 хонда шавад.

## Эътибор надорад

➢Патенти №0233289 бо РЯМ 0930062247-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор соли 2012 ба Узбеков Маъруфҷон Шералиевич додааст, эътибор надорад.

➢Дафтарчаи имтиҳонии №147-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи миллии Тоҷикистон соли 2007 ба Негматов Эмомиддин Исломиддинович додааст, эътибор надорад.

➢Шартномаи хариду фурӯши таҳти феҳристи №1 Ш-95-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи И.Сомонии шаҳри Душанбе бо суроғаи кӯчаи Пушкин, бинои 4, хуҷраи 14-и ноҳияи И.Сомонии шаҳри Душанбе 11 феврали соли 2005 ба Зулфиқорбекова Розиямо Сайфидиновна додааст, эътибор надорад.

➢Мӯҳри гумшудаи ҶДММ «Сахт-Сохт» эътибор надорад.

➢Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро бахши шиносномадиҳии ШКД-и ноҳияи И.Сомонии шаҳри Душанбе бо суроғаи кӯчаи Пушкин, бинои 4, ҳуҷраи 14-и ноҳияи И.Сомонии шаҳри Душанбе соли 2005 ба Зулфиқорбекова Розиямо Сайфидиновна додааст, эътибор надорад.

➢Билети донишҷӯйии №73025-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шотемур соли 1990 ба Мирзоев Хуршед додааст, эътибор надорад.

➢Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0147141 бо РЯМ 0430065763-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Сино 15 ноябри соли 2010 ба Азимов Одил Аъзамович додааст, эътибор надорад.

➢Оиннома таҳти феҳристи 18 Р-9 –и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фрунзе (ҳоло Сино)-и шаҳри Душанбе 1 феврали соли 2000 ба ҶДММ «Строитель-Гидротехник» додааст, эътибор надорад.

➢Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии №0105097 бо РЯМ 0910003665, ки онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 21 июни соли 2010 ба ҶДММ «Шатор» додааст, эътибор надорад.

➢Шаҳодатнома оиди сабти ҷамъият таҳти феҳристи №3-р-29-и гумшуда, ки онро Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 майи соли 2001 ба ҶДММ «Шатор» додааст, эътибор надорад.

## Барҳам мехӯрад

ҶДММ «Матбааи Ғанизода», воқеъ дар ноҳияи Зафарободи вилояти Суғд бо РЯМ 5410001346 фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

***

ҶДММ «Шатор» бо РЯМ 0910003665, воқеъ дар кӯчаи Абӯалӣ ибни Сино, бинои 7, хуҷраи 3-и ноҳияи Ҳисор фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

Роҳбарият ва кормандони Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати даргузашти директори Муассисаи давлатии «Маркази идораи Лоиҳаи идоракунии захираҳои обии Фарғона»

**ШАРИПОВ ВОҲИД РУСТАМОВИЧ**

андӯҳгин буда, ба наздикон ва пайвандони марҳум изҳори ҳамдардӣ баён менамоянд.

Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун
Садои мардум

САРМУҲАРРИР Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Некқадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru

Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз

Ба чопаш 14 августи соли 2012, соати 18.00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 23874 нусха

Навбатдори шумора А. Мӯсоев

Тарроҳи компютерӣ Нигина Исмоилова